Муаллифони ин нашрия А. Давидов (манзил), А. Ҳамидҷонова (ғизо), З.А. Широкова (либос) инчунин қайд карданд, ки то нашри ин маҷмуа ин се соҳа объекти тадқиқоти махсус набуданд.[2] Онҳо ҳангоми омода кардани кори худ ба маводҳои тадқиқоти саҳроӣ дар Зарафшон дар солҳои 1958—1961 такя мекарданд. Дар вақти омӯхтани ин ҳуҷҷатҳои бойгонӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки на ҳамаи маводҳо аз тарафи муаллифон бо сабабҳои гуногуни ба мо номаълум истифода шудаанд. Масалан, таҳлили чунин маводҳои аз тарафи экспедитсияҳо ҷамъовардашуда, аз қабили гулдӯзӣ, гулбурӣ, наққошӣ дар дохили биноҳои меъморӣ, кулолгарӣ ва ғайраҳо дар маводҳояшон оварда нашудаанд. Ҳол он, ки онҳо барои тадқиқот базаи хеле пурқиммати маълумотӣ мебошанд. Илова бар ин, бисёре аз коршиносон қайд мекунанд, ки ҳоло дар этнография кори проблемавӣ ва таҳлилӣ кофӣ аст, аммо маводи саҳроӣ хеле кам аст.[3]

Натиҷаи таҳқиқоти саҳроие, ки кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ дар шакли қайдҳои саҳроӣ, расмҳо, ашёҳои сафолию асбобҳои рӯзгор, либосҳои занона ва мардонаи аҳолӣ ва ғайраҳо ба махзани пурқимат табдил ёфтаанд ва ҳоло дар Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андреев маҳфузанд.

Аксари ҳуҷҷатҳои матнӣ ва аксҳои дар бойгонӣ доир ба рушди истеҳсолоти ҳунармандӣ дар вилоят то ҳол омӯхта нашудаанд. Масалан, дар бойгонӣ дастнависи ҷолиб, вале рӯи чоп наомадаи мардумшиноси машҳур А. Давидов дар мавзӯи «Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана»,[4] ки дар он ҳунарҳои мардуми Саргаҳи Зарафшон, аз қабили кулолгарӣ, чарму чубкорӣ, бофандагӣ, қолинбофӣ ва ҳатто шикор оварда шудааст. Ғайр аз ин, дар бойгонӣ гӯшаи калони коллексияи расмҳое, ки дар рафти экспедитсияҳо дар Зарафшон

---

Материальная культура таджиков верховьев Зеравшана / Ред.: А.К. Писарчик, Н.Н. Ершов; Текст: А.С. Давыдов, М.А. Хамиджанова, З.А. Широкова.-Душанбе,1973.-296с.

[2] Там же.-С.7, 138, 182

[3] Арзютов Д.В., Кан С.А. Концепция поля полевой работы в ранней советской этнографии // Этнографическое обозрение.-2013.-№ 6.-С.48.

[4] Давыдов А.С. Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана // Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд А.С.Давыдова.-Оп. № 1; Ед.хр. № 15.

аксбардорӣ карда шудаанд, маҳфуз аст, ки ҳанӯз аз тарафи муҳаққиқон таҳқиқ ва нашр нагардидаанд.

Коллексияи экспонатҳои Саргаҳи Зарафшон дар Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андреев то ҳол пурра таҳқиқ нашудаанд. То имрӯз маводҳои онҳо қисмат омӯхта шуда, танҳо як қисми ками онҳо нашр шудаанд.

Умуман, то имрӯз оид ба рушди истеҳсолоти ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон ягон асари махсус нашр нашудааст. Танҳо маводҳои инфиродие мавҷуданд, ки метавон истинодҳоро оид ба ҳунарҳои инфиродӣ пайдо кард, ки онҳо дар библиографияи ин тадқиқот номбар шудаанд. Бинобар ин, дар таҳқиқоти мазкур кӯшиш карда шудааст, ки баъзе камбудиҳои мавҷуда бартараф гарданд.

Ҳамин тариқ, бо назардошти мавҷудияти шумораи зиёди маводи бойгонӣ ва манбаъҳо, инчунин то кунун дар асоси сарчашмаҳои хаттӣ ва мероси бадеии бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андреeви ИТБМ АМИТ таълиф нагардидани таҳқиқоти густурда, дар мавзӯи «Ҳунарҳои анъанавии Саргаҳи Зарафшон» мубрамият ва муҳиму саривақтӣ будани омӯзиши ин мавзӯро тақозо мекунад.

**Дараҷаи омӯзиши мавзӯъ.** Мусаллам аст, ки муҳаққиқони рус корҳои пажӯҳиширо оид ба ҳунарҳои мардумии тоҷикони Зарафшон ҳанӯз аз асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ ба таври васеъ ба роҳ монда буданд. А.П. Федченко нахустин олимест, ки дар бораи мавҷудияти кишвари кӯҳӣ бо номи Кӯҳистон дар навиштаҳояш маълумот додааст. [1] Дар айни замон ин заминҳои Саргаҳи Зарафшон, ки ба онҳо ноҳияҳои Панҷакент, Айнӣ ва Мастчоҳи Тоҷикистон дохил мешаванд.

Маълумотро дар ин бора аз асарҳои шарқшиносон, сайёҳон ва низомиёни Россия, ба монанди А.А. Бобринский, П.И. Пашино, С. Ликошин, Н. Маев, Н.Г. Малитский, А.П. Хорошхин, А.А. Кун, Н.В. Хаников, А.А. Кушакевич, А.А. Семёнов, В.В. Динин, Г.Г. Гулбин ва чанде дигарон пайдо кардан мумкин аст, ки[2] барои муайян намудани

---

[1].Федченко А.П. Путешествие в Туркестан члена-основателя общества А.П.Федченко, совершенное от Императорского Общества любителей естествознания.-СПб-М.,1874.-Т.2, Вып.2: Зоогеографические исследования. Ч.5, отдел 3.

[2] *Дар бораи таърихи омӯзиши фарҳанги Саргаҳи Зарафшон муфассал ниг. ба* . Акрамов Н., Акрамова Х. А.П.Федченко - исследователь истории и истории культуры верховьев Зеравшана // Учёные записки ХГУ им. акад. Б.Гафурова.-Худжанд,2005.-№ 10; Мустаҷир А. Рузномаи сафари Искандаркӯл / Ҳозиркунандагони чоп ва муаллиф. муқад. ва тавзеҳот: А.Афсаҳзод, М.Муллоаҳмадов.-Душанбе:Ирфон,1989; Муллоахмад М. Дорогами Кухистана // Зерцало человечности: (Научные изыскания по иранистике).-Душанбе,2016; Собиров Н.И. Изучение памятников истории и культуры Верховьев Зеравшана во второй половине XIX-первой половине XX вв.-Душанбе,2014; Валиев А. Этнографическое изучение таджиков Центральной Азии в новейшее время.-Душанбе,2018; Икромов А. Роль русских востоковедов в изучении истории, архитектуры и этнографии Северного Таджикитсана (первая половина XIX-начало XX вв.).-Худжанд,2015; Вклад российской науки в изучение уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистана: Междунар. науч. конф., посвящ. 200-летию российского

дарачаи техникии инкишофи ҳунармандӣ дар вилоят, намудҳо ва типҳои онҳо, таҷрибаи устоҳо ва инчунин нигоҳдории пояҳои ҳунармандии анъанавӣ аҳамияти калон доранд. Маълумотҳои онҳо дар бораи ҳунарҳои мардумӣ дар асоси мушоҳидаҳои шахсӣ ташаккул ёфтаанд. Онҳо мушоҳидаҳои айнан дидаи худро қайд намуда, ки доираи муайянро дар бар мегиранд, вале баъзан бо сабаби вазифаҳои аниқ гузоштани муаллифон характери махсуси тавсифӣ доранд.

Дар байни таълифоти паҷӯҳишгарон асарҳои олимони номдори рус В.В. Бартолд, А.А. Семёнов, М.С. Андреев, В.В. Радлов, А.П. Федченко ва дигарон осори ин донишмандон доир ба таърих ва мардумшиносиии мардуми бумӣ, вазъи иқтисодӣ ва сиёсӣ, ҳолати ёдгориҳои моддии фарҳангии ин минтақа як қатор маълумотҳои арзишманд оварда шудаанд.[1] Доираи васеи масъалаҳое, ки онҳо омӯхтаанд, навъҳои маҳаллии ҳунарҳои мардумии Саргаҳи Зарафшон, ороиш ва рамзи онҳо инчунин нигоҳдории ин ҳунарҳоро дар бар мегирад.

Зарафшон ҳамоно ба сифати яке аз объектҳои муҳимми таҳқиқ ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи таърихшиносон ва мардумшиносони Шӯравӣ қарор дошт. Қабл аз ҳама барои исботи ин гуфтаҳо аз асари таърихии бунёдии академик Б. Ғафуров «Тоҷикон. Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав»,[2] инчунин силсилаасарҳои илмии «Таърихи халқи тоҷик» дар 6 ҷилд (ба забони русӣ) ёдовар шудан ба маврид аст. Як қатор таълифоти боарзиши таҳқиқотии таърихшинос Р.А. Абулҳаев ба омӯзиши равандҳои таърихии асри XX дар Зарафшон рухдода бахшида шудаанд. [3]

---

востоковедения (г.Худжанд, 23 ноября 2018 г.): Сб. материалов.– Оренбург, 2019. –382с.– (Серия: Евразийский перекресток. Вып. 11); Прищепова, В.А. Этнографические работы Г.Г. Гульбина в Пенджикенте // Лавровский сборник. Материалы XXXVIII и XXXIX среднеазиатско-кавказских чтений. 2014-2015 гг. Этнология, история, археология, культурология.-СПб,2015.

[1]Бартольд В.В. Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Географический очерк Маверауннахра // Сочинение.-М,1963.-Т.1, Ч.1.-С.120-158; Федченко А.П. Путешествие в Туркестан члена-основателя общества А.П.Федченко, совершенное от Императорского Общества любителей естествознания.-СПб-М.,1874.-Т.2, Вып.2: Зоогеографические исследования. Ч.5, отдел 3; Гребенкин А.Д. Ремесленная деятельность таджиков Зеравшанского округа // Материалы для статистики Туркестанского края: Ежегодник.-СПб,1873.-Т.2.-С.511-514; Радлов В.В. Средняя Зеравшанская долина // Записки Имп. Русского географического общества по отделению этнографии.-СПб,1880.-Т.6.-С.1-92; Семенов А.А. Этнографические очерки Зерашанских гор, Каратегина и Дарваза.-М.,1903.-69с. и другие.

[2] Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история.-М.,1972.; История таджикского народа: [В 6 томах].-Душанбе,1998-2011.

[3]. Абулхаев Р.А. Упрочение Советской власти в районах верховьев Зеравшана (1918-1923 гг.) / Ред. К.П.Марсаков; АН Тадж.ССР. Ин-т истории, археологии и этнографии им. А.Дониша.-Душанбе,1972; Он же. Субҳи Зарафшон [Утро Зеравшана].-Душанбе,1981; Он же . Народные движения в районах Верховьев Зерафшана накануне и в период восстания 1916 года // Таджикистан и Россия: единство исторических судеб: Материалы научно-теорет. конф. «Центральная Азия и Россия: дружба и сотрудничество испытанное временем».-Худжанд,2016.

Дар омӯзиши мероси Панҷакенти қадим саҳми бостоншиносон ва забоншиносон, ба монанди А.Ю. Якубовский, М.М. Дяконов, А.М. Беленитский, В.А. Лифшитс, Б.И. Маршак, Ю. Яқубов, А.А. Исҳоқов, П.Б. Луре ва чанде дигарон[1] бениҳоят назаррас мебошад. Намудҳои гуногуни таҳқиқоти таҳлилӣ ва методологияи онҳо нишон дод, ки дар ҳунарҳои Саргаҳи Зарафшон дар ҷараёни равандҳои таърихӣ навъҳои гуногуни дигаргунсозӣ ба вуҷуд омадаанд.

Дар асарҳои пажӯҳишии муҳаққиқон А.Л.Троитская, О.А. Сухарева, Е.М. Пешерева, М.Р. Раҳимов, Н.О. Турсунов, А.С. Давидов, И.М. Муҳиддинов, З.А. Широкова, М.А. Ҳомидҷонова, О.М. Муродов, М. Рӯзиева ва дигарон[2] низ баъзе ҷиҳатҳои масоили хусусияти мардумшиносӣ дошта инъикос гардидаанд. Дар ҳоле, ки муҳаққиқон (О.А. Сухарева, Е.М. Пешерева, А.Л. Троицкая ва дигарон) дар марказҳои илмии ИҶШС асарҳои худро оид ба ҳунарҳо ва расму оинҳои Зарафшон чоп намудаанд, олимони тоҷик ва пеш аз ҳама мардумшиносон, ба қадри нокифоя асарҳои худро ба таври равшан нашр накардаанд.

Маводҳои ҷамъовардаи осорхонаи мардумшиносии ба номи М. Андрееви ИТБМ АМИТ ҳамеша барои гузарондани тадқиқотҳои васеи илмӣ ба сифати база хизмат мекард. Дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ мутахассиси машҳур З. Широкова феҳристи «Коллексияи мардумшиносии Институти таърих»-ро[3] аз чоп баровард, инчунин бо

[1] Об истории археологических раскопок в Пенджикенте подробно см.: Гафуров Б.Г. Таджики. Древнейшая, древняя и средневековая история.-Душанбе,1989.-Т.1.-С.82; Материалы Пенджикентской археологической экспедиции.-СПб,2016.-Вып. XX: Аспекты Согдийской культуры: Тез. докл. науч. конф. (г.Пенджикент, 3-5 августа 2016 г.) / Под ред. П.Б. Лурье.-131с.

[2] Подробно см.: Писарчик А.К. Этнографическая наука в Таджикистане / Подгот. к печати Н. Бабаева.-Душанбе,2001; Сухарева О.А. Сузани: Среднеазиатская декоративная вышивка.-М.,2006; Давыдов А.С. Традиционное жилище таджиков Верхнего Зеравшана // Советская этнография.-1969.-№ 6; Он же. Селение и жилище Верхнего Зеравшана // Изв. АН Тадж.ССР. Отд-ние обществ. наук.-1970.-№ 4; Он же. К вопросу о сложении населения Верховьев Зеравшана // Изв. АН Тадж.ССР. Отд-ние обществ. наук.-1969.-№ 4; Материальная культура таджиков Верховьев Зеравшана / Ред.: А.К. Писарчик, Н.Н. Ершов; Текст: А.С. Давыдов, М.А. Хамиджанова, З.А. Широкова.-Душанбе,1973; Рахимов М. Зеравшанская этнографическая экспедиция. 1958-1961 гг. // Изв. АН Тадж.ССР. Отд-ние обществ. наук.-1963.-№ 1.-С.51-66; Троицкая А.Л. Некоторые старинные обычаи, обряды и поверья таджиков долины Верхнего Зеравшана // Тр. АН СССР. Ин-т этнографии им.Н.Н. Миклухо-Маклая.-Л.,1971.-Т. XCVII; Хамиджанова М.А. Туи хатна. Обрезание у таджиков Верхнего Зеравшана // История и этнография народов Средней Азии.-Душанбе,1981; Хамиджанова М.А. Мужские джахры в похороных обрядах таджиков Верховьев Зеравшана // Этнография Таджикистана: Сб. статей / АН Тадж.ССР. Ин-т истории; Отв.ред. Б.А.Литвинский..-Душанбе:Дониш,1985.-С.54-58; Широкова З.А. Декоративная вышивка таджиков Верховьев Зеравшана // История и этнография народов Средней Азии.-Душанбе,1981; Рузиев М. Декоративно-прикладное искусство таджиков.-Душанбе,2003 и .др.

[3] Широкова З.А. Этнографические коллекции Института истории. Дарвазская этнографическая коллекция сбора 1954 года.-Душанбе,1965.

ҳаммуаллифии ӯ ва Н. Ершов «Албоми либосҳои тоҷикон» ва А.К. Писарчик «Албоми санъати амалии тоҷикон»[1] нашр гардиданд.

Монографияи коллективонаи кормандони шуъбаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш А.С. Давидов, М. Ҳамидҷонова ва З. Широкова «Маданияти моддии тоҷикони Саргаҳи Зарафшон», 1973, инчунин маводҳои алоҳидаи М. А. Ҳамидҷонова нашрияҳои фундаменталӣ гардиданд.[2] Аммо дар Тоҷикистон асарҳои вижае, ки ҳунарҳои дастии Зарафшонро дар асри XX таҳқиқ мекунанд, нашр нашудааст.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба ҳунарҳои Саргаҳи Зарафшон,[3] ки асосан ба рушди соҳаҳои ҳунармандӣ ва ҳифзи анъанаҳои он нигаронида шудаанд, идома дорад. Дар ин тадқиқотҳо ба масъалаҳои назарияи ҳунармандӣ ва навсозии онҳо, татбиқи онҳо, навовариҳои меҳнати дастӣ, масъалаҳои зиёд намудани содироти маҳсулот, рушди этнотуризм ва оммавӣ гардонидани маҳсулоти ҳунарҳои мардумии осорхонаҳои Тоҷикистон ба миён гузошта шудаанд. Коллексияҳои Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андреев ИТБМ АМИТ доимо аз тарафи мутахассисоне, ки монография, албомҳо ва дигар маводҳо нашр мекунанд, омӯхта мешаванд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), ва мавзӯҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия дар чаҳорчӯбаи амалисозии нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии ИТБМ АМИТ, барои тайёр кардани китоби “Таърихи халки точик”иҷро карда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқ** омӯзиш, тасниф, мураттабсозӣ ва таҳлили маводиначандон маълуми маъхазҳои бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ ба шумор меравад, ки ба рушди ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон иртибот доранд.

---

[1]Писарчик, А.К. Народное прикладное искусство таджиков (тадж., рус.,англ.яз.): [Альбом] / А.К. Писарчик; Художники: Х.А.Жаба, Ю.П.Гремячинская; Отв.ред. Н.Н.Ершов; АН Тадж. ССР,Ин-т истории им.А.Дониша. – Душанбе, 1987.;Ершов Н.Н., Широкова З.А. Альбом одежды таджиков / Ред. А.К. Писарчик.-Душанбе,1969.

[2] Материальная культура таджиков Верховьев Зеравшана / Ред.: А.К.Писарчик, Н.Н. Ершов; Текст: А.С. Давыдов, М.А. Хамиджанова, З.А. Широкова.-Душанбе,1973.

[3] Таджики: история, культура, общество/ Сост. Р.Р. Рахимов; Отв.ред.. М.Е. Резван.-СПб,2014; Чвырь Л.А. Очерки культурного синтеза в Туркестане.IIтыс. н.э.-М.,2018; Назилов Д. Мастера школ горного зодчества.-Ташкент,2001; Народное искусство Таджикистана (тадж.,рус.,англ.яз.) / Ин-т истории, археол. и этногр.им.А.Дониша АН Респ.Тадж.; Ред. Л.Додхудоева; Текст: Р.Масов, Н.Юнусова, Л.Додхудоева. – Душанбе, 2011.; Ремесленное производство Таджикистана.(по материалам полевых исследований 2013-2017гг.) / Ред. Л. Додхудоева; Авт.-сост.: Л. Додхудоева, З. Юсуфбекова, М. Шовалиева.-Душанбе, 2019; Народное искусство Верховьев Зарафшана / Ред. Н.К.Убайдулло;Авт-сост. Л. Додхудоева; Конс. С.Бобомуллоев.-Душанбе,2022 .и др.

Барои амалӣ намудани мақсади таҳқиқот иҷрои вазифаҳои зерин дар мадди назар гирифта шудааст:

- муайян кардани шароитҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба тараққиёти ҳунармандии хоси шаҳр ва деҳот дар Саргаҳи Зарафшон дар садаи XX ва ибтидои садаи XX1 мусоидат намудаанд;

- нишон додан ва тавсиф намудани ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, аксҳо, ёдгориҳои ҳунармандони дар ганҷинаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон қарордошта;

- таҳлили маводи муайяншудаи мардумшиносӣ ва пайдо кардани маълумоти нави марбут ба фарҳанги моддии Саргаҳи Зарафшон дар асри XX ва оғози асри XX1;

- таснифи ибтидоии маводи иборат аз аксҳо бо дарназардошти махсусияти ҳар як манбаъ, ки тибқи он ҳар мавзӯъ аз нигоҳи таърихӣ айнан бозтоб шудаанд;

- муқаррар кардани ҷойгоҳи ҳунармандони Саргаҳи Зарафшон дар байни аҳолии шаҳру деҳот дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX1;

- муқаррар намудани саҳми ҳунармандони Зарафшон дар фарҳанги моддии тоҷикон дар қарни XX ва оғози қарни XX1;

- пешниҳоди тавсияҳо бо мақсади баҳисобгирӣ ва истифодаи асноди пойгоҳи иттилоотӣ ва намунаҳои маҷозии бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ дар таблиғи дастовардҳои марбути арзишҳои миллӣ, омода кардани корҳои таҳқиқотӣ, гузаронидани экспертизаҳо, лоиҳаҳо дар соҳаҳои таърих, меъморӣ, санъат, маҳсулоти ҳунармандӣ, сайёҳӣ ва гузаронидани ташхисҳои гуногун дар Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқ** сарчашмаҳои хаттӣ, маводи иборат аз аксҳо, нигораҳое мебошанд, ки дар бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ маҳфуз буда, дар омӯзиши маҳсулоти истеҳсоли ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон ҳамчун манбаи муҳим арзёбӣ мегарданд.

**Предмети таҳқиқ** таҳаввулоти ҳунармандии дар Саргаҳи Зарафшон дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX, нимаи дуюми асри XX ибтидои асри XX1 тараққӣ ва пешрафти онҳо, ҳамзамон тағйироти мақоми иҷтимоӣ-фарҳангии устоҳои ҳунарманд ва тамоми низоми истеҳсолии насли нав дар асоси маводҳои мардумшиносӣ, махзани ИТБМ АМИТ

**Меъёри ҳудудии таҳқиқ** сарҳади Саргаҳи Зарафшони вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст.

**Меъёри таърихии таҳқиқ** давраҳои муҳими таърихии асри XX ва ибтидои асри XX1-ро фаро гирифтааст, ки дар рушди ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон нақши муҳиму назаррас доштанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** таҳқиқоти мазкур муносибати ҷомеъ ба омӯзиши маводи хаттӣ ва чопи мошинавис, аксҳо ва нигораҳои Саргаҳи Зарафшон аз маъхази дар ИТБМ АМИТ маҳфузбуда иборат

мебошад. Дар таҳқиқот таърихи ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон ба ҳайси ҳорикаи таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мадании этнофарҳанги тоҷикон таҳлилу баррасӣ шудааст ва ҳангоми таҳлилу баррасӣ инчунин истифодаи методи муқоисавӣ ба мушоҳида мерасад. Муносибати муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили типологӣ имкон фароҳам оварданд, ки маводи мавҷудбуда аз рӯи вижагиҳо ва типҳояшон ба низом даровarда шаванд ва тасниф гарданд. Дар мавридҳои алоҳида асосҳои методологӣ ҳамчунин бо истифода аз усулҳои ҷудогонаи таҳлил, ки дар илмҳои гуманитарӣ, иҷтимоӣ, этнология, санъатшиносӣ, фарҳангшиносӣ истифода мешаванд, пурра гардонида шуданд ва ин имкон дод, ки иқтидори илмии маводи таҳқиқшаванда ба таври мукаммал нишон дода шавад.

**Манбаи таҳқиқи** диссертатсияи мавриди назар аз матнҳои корҳои майдонии мардумшиносон, маҷмуи (коллексияи) аксҳо (негативҳо ва нақши аксҳо-фотоотпечатки), ки ба рушди ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон бахшида шудаанд, инчунин ашёи рӯзгор ва маводи фарҳангии сокинони минтақа, ки дар бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ нигоҳдорӣ мешаванд, иборат мебошанд.

Адабиёти махсусе, ки ба омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон алоқаманд мебошанд, аз тарафи диссертант мувофиқи қоидаҳои амалкунандаи илмӣ бо баёни хулосаҳои шахсии муаллиф мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Аз тарафи муаллифи диссертатсия якчанд сафарҳои инфиродии майдонӣ роҳандозӣ шудаанд, ки онҳо низ ҳангоми таҳқиқи мавзӯъ ба сифати мавод ҷиҳати таҳлили интиқодӣ ва муқоисавӣ бо дигар маводи илмӣ корбурд шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** аз он иборат аст, ки мавзӯи мазкур то кунун дар илми ватанӣ ба таври ҷузъӣ омӯхта шудааст ва аз тарафи диссертант кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки ин мавзӯъ нахустин бор ба таври ҷомеъ ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор дода шавад. Аҳамияти илмии таҳқиқот дар шакли диссертатсия дар он зоҳир мешавад, ки ҳуҷҷатҳои навини марбут ба ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон дар асоси ҳуҷҷатҳо ва нигораҳои дар бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ ҳифзшаванда ба гардиши илмӣ ворид карда шаванд.

Таҳлили санадҳои нав имкон доданд, ки саҳифаҳои норавшани таърихнигории ҳунармандӣ дар минтақа, омӯзиши таҳаввулоти он дар даврaҳои гуногуни таърихӣ, инчунин мақоми устоҳои ҳунарманди касбӣ ва махсусияти маҳсулоти бадеӣ то андозае пурратар гардонида шавад. Бори аввал дар дар асоси таҳлили маълумоти бойгонӣ (дастнависҳои чопнашудаи мардумшиносони маъруф, маҷмӯаҳои аксҳо, сабтҳо дар китобҳои инвентаризатсия), коллексияи осорхонаҳои мардумшиносӣ таърихи ҳунарҳои мардумӣ дар ин минтақа муаррифӣ шудааст.

Нишондоди муҳими арзиши таҳқиқоти мазкур аз он иборат мебошад, ки аввалин маротиба аз ҷониби муаллифи диссертатсияи мавриди назар, кӯшиши даврабандии таърихии инкишофи касбу ҳунарҳои мардуми Зарафшон, таснифи сарчашмаҳои илмии то ҳанӯз номаълум (матнҳои мардумшиносӣ, коллексияи аксҳо ва нигораҳо), ки дар ганҷинаи ИТБМ АМИТ маҳфуз мебошанд, анҷом дода шудааст.

**Арзиши амалии таҳқиқ** бо масъалаи азнавбаҳодии маҳсулоти ҳунармандӣ дар замони имрӯза пайвастагӣ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро дар таҳияи барномаҳо оид ба рушди таҷрибаи ҳунарҳои замонавӣ, лоиҳаҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматии гуногун, ки бо масъалаҳои санъати мардумӣ сарукор доранд, истифода кардан мумкин аст. Маводи диссертатсияро ҳамчунин ҳангоми баргузор намудани курсҳои гуногуни таълимӣ, дар лоиҳаҳои маданӣ-равшаннамоии осорхонаҳои гуногун ва сайёҳӣ истифода намудан имконпазир аст.

Маводи дар кори таҳқиқотӣ овардашуда барои омӯзиши муфассали коллексияи мардумшиносии ИТБМ АМИТ ҳангоми баҳогузории арзиши маҷмуи аксҳо ва нигораҳо, тасвиби онҳо, таърихи рушду нумӯи ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон метавонанд ба ҳайси сарчашмаи арзишманд хизмат намоянд.

**Саҳми шахсии унвонҷӯй** ҷиҳати бадастоварии натиҷаҳо аз инҳо иборат мебошанд:

- омӯзиши маводи бойгонии мардумшиносӣ ва нигораҳои Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ;
- таснифи маводи матнӣ ва аксӣ, коллексияи бадеии ин ганҷинаҳо;
- ба илм ворид намудани маълумотҳои навин, ки ба рушди ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон иртиботи бевосита доранд;
- таҳияи таҳқиқоте, ки дар он таҳаввулоти маҳсулоти истеҳсолии ҳунармандии минтақа дар садаи XX ва ибтидои садаи XX1 таҳлилу баррасӣ ёфтаанд;
- гирдоварии маводи шахсӣ ба воситаи корҳои инфиродии майдонии мардумшиносӣ дар ноҳияҳои Саргаҳи Зарафшон.

**Нуқтаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод шудаанд:**

1. Коркард ва таснифи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ, коллексияи аксҳо, нигораҳо аз маҷмуи бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ, имкон дод, ки маводи нави илмӣ оид ба мардумшиносии Саргаҳи Зарафшон ба доираи илмӣ бароварда шавад;

2. Муайян намудани саҳми илмии мардумшиносон дар асри XX ва ибтидои асри XX1 дар омӯзиши исеҳсоли маҳсулоти ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон, имкони ошкор кардани аҳамияти дигаргуниҳо аз дидгоҳи ҳаёти иҷтимоию иқтисодии аҳолии маҳаллиро дод;

3. Муайян намудани хусусиятҳои мақоми иҷтимоии ҳунармандони Саргаҳи Зарафшон дар асри XX ва оғози асри XX1 дар асоси адабиёти илмӣ, ҳуҷҷатҳои нави бойгонӣ ва таҳқиқоти саҳроӣ, ки фаҳмиши

мавҷудаи табақаи ҳунармандонро дар ҷамъиятҳои асри XX ва ибтидои асри XXI;

4. Фаъолияти сехҳо дар шаҳри Панҷакент ва рустоҳои калони Саргаҳи Зарафшон ҳамчун асоси ихтисосмандии устоҳо мувофиқи навъи фаъолият, рушди рақобат дар ин самт, ки ба такмили навгониҳои тахассусӣ мусоидат кардаанд, инчунин дар бораи ба баъзе нуқтаҳои аҳолинишин даъват кардани хунармандон аз сабаби нарасидани мутахассисони маҳаллӣ;

5. Рушди таърихии истеҳсоли маҳсулоти ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон дар садаи XX дар асоси нашрияҳои илмӣ, хуҷҷатҳои бойгонӣ, пажӯҳишҳои саҳроӣ, ки имкон дод муносибат ба ҳунармандӣ ва ислоҳоти ин соҳа дар замони Шӯравӣ таҳлил карда шавад, натиҷаҳои татбиқи онҳо дар ҳудуди Саргаҳи Зарафшон;

6. Касбу ҳунарҳои суннатии Саргаҳи Зарафшон – нахустасоси раванди замонависозии истеҳсолот, мутобиқшавӣ ба талаботҳои муосири технологияҳои пешрафта дар оғози асри XX1.

7. Муайян кардани аслияти маҳсулоти ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон ҳамчун ҷузъи яклухту нотакрори этнофарҳанги тоҷик.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шиносномаи феҳристи ихтисосҳои доктори фалсафа (Ph.D) доктор аз рӯи ихтисоси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020800-Бостоншиносӣ ва этнология(6D020802 – Мардумшиносӣ, этнология ва антропология) мувофиқат мекунад.

1. Заминдории анъанавӣ, чорводорӣ, касбҳо ва ҳунарҳо.

2. Таърихи маданияти модӣ (меъмории халқӣ, либосҳои анъанавӣ, таомҳои халқӣ).

3.Таърихи маданияти маънавӣ ва иҷтимоӣ (донишҳои халқӣ, эътиқодот, маросимҳо ва одатҳо, ҷаҳонбинӣ, ташкилотҳои иҷтимоӣ).

- **Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҷаласаи муштараки шуъбаи этнология ва антропологияи таърих ва шуъбаи таърихи навтарин ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ баррасӣ шудааст. Тасвиби натиҷаҳои ҷудогонаи диссертатсия дар маводи конференсияҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии зерин дар шакли маърӯзаҳо пешниҳод гардидаанд: Вклад А.С.Давыдова в исследование народного творчества Верхнего Зарафшана / М.Қ. Бакиева // Антропология ва этнологияи мардуми тоҷик: муҳаққиқон, экспедитсияҳо, бойгониҳо: Маводи конфронси байналмилалии илми. Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ (23 июни соли 2023).

Давыдов Амнун Соломонович–выдающийся исследователь ремесленных традиций таджиков Верхнего Зарафшана / М.К. Бакиева // Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ:

Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ бахшида ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён (26-уми апрели соли 2024, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ш.Душанбе).

Аз рӯи мавзуи диссертатсия 8 мақолаи диссертант чоп шудаaанд, ки 6-тои онҳо дар нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб ва 8 зербоби марбут, хулоса, рӯйхати адабиёт, замима дар шакли албом-мусаввади асноди бойгонӣ, аксҳо аз бойгонии мардумшиносӣ ва акси нигораҳои осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ таркиб ёфтааст. Диссертатсия дар 191 саҳифаи компютерӣ чоп шуда,дар он 14 расм мавҷуд аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚ

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи интихобгардида асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиши илмии он, объект ва предмети таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, метод ва сарчашмаҳои таҳқиқот тавсиф шудааст, инчунин саҳми шахсии унвонҷӯй, навгониҳо ва арзиши амалии таҳқиқот зикр гардидаанд.

**БОБИ I «Сарчашмаҳои бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С.Андрееви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» иборат аз 3 зербоб буда, дар зербоби 1.1 «Санадҳои бойгонӣ дар маъхази бойгонии мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон»** маводи ҳангоми корҳои майдонӣ аз мавзеҳои гуногуни Саргаҳи Зарафшон дар тӯли асрҳои XX-XX1 гирдоваринамудаи иштирокдорони экспедитсияҳо, ки дар бойгонии мардумшиносии ИТБМ АМИТ нигоҳдорӣ мешаванд, таҳти таҳлилу баррасӣ қарор дода шудаанд.

Соли 1908 аввалин сафари таҳқиқотӣ ба минтақаҳои Саргаҳи Зарафшон аз тарафи академик Е.Н. Павловский анҷом дода шуда буд.[1] Таҳти сарварии мардумшинос М.С. Андреев соли 1921 ба Саргаҳи Зарафшон, баъдтар соли 1924 ба самтҳои Яғноб ва Мастчоҳ экспедитсияҳои мардумшиносӣ таъсис дода шуданд.[2] Солҳои 1927-1928 М.С. Андреев ҳамроҳ бо Е.М. Пешерева, Н.В. Русинова, Н.В. Мешерякова ба деҳаи Яғноб ва як қатор деҳаҳои дигари Саргаҳи

---

[1]Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд Е.Н. Павловского. Фотоколлекция Е.Н. Павловского.-Ед.хр. № 1; Додхудоева Л. Социальные и этнокультурные реалии таджикского общества в экспедиционных фотоматериалах академика Е.Н. Павловского // Академик Е.Н. Павловский и его вклад в становление современной науки Таджикистана: Материалы научно-практ. конф. (г.Душанбе, 3 декабря 2019г.).-Душанбе,2020.-С.27-34; Додхудоева Л. Экспедиционные фотодокументы академика Е.Н. Павловского // Мероси ниегон.-2014.-.№ 17.-С.44-51..

[2] *Доир ба тавсифи муфассали санадҳо ниг. ба:* Додхудоева Л. Научное наследие А.А.Семенова и М.С. Андреева(архивные документы) / Под общ. ред. Р.М. Масова; АН РТ. Ин-т истории, археологии и этнографии.-Душанбе,2013.-С.45-200..

Зарафшон сафари илмӣ анҷом дод.[1] Ҳудуди даҳҳо ҳуҷҷатҳои иборат аз аксҳои гуногун, ки ба омӯзиши минтақаи номбурда марбутанд, дар бойгонии шахсии М.С. Андреев маҳфуз мебошанд (коллексияҳои №1 ва №99).

Соли 1936 мардумшиноси маъруфи шӯравӣ Н.Н. Ершов[2] ба Яғноб сафар намудааст, вале ҳисоботи корҳои саҳроии ӯ дар бойгонии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфуз нестанд. Соли 1958 гурӯҳи мутахассисон бо роҳбарии М.Р.Раҳимов ва аъзои гурӯҳ А.С. Давидов, М.А. Ҳомидҷонова, З.А. Широкова, С. Дадабоева, А. Бӯриев, Б. Ғаниев[3] дар Саргаҳи Зарафшон экспедитсияи мардумшиносӣ гузаронидаанд.[4]

Бо сарварии мардумшинос ва театршиноси варзида Н.Ҳ. Нурҷонов солҳои 1958-1960 аз ҷониби отряди санъатшиносӣ ба самти Саргаҳи Зарафшон экспедитсия созмон дода шуд, ки қисме аз маводи он ҳоло дар бойгонии дигари Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон нигоҳдорӣ мешаванд ва дар асарҳои худ Н.Ҳ. Нурҷонов аз онҳо ба таври фаровон истифода намудааст.[5] Соли 1959 экспедитсия дар ҳайати М.А. Ҳомидҷонова (роҳбар), А.С. Давидов, К. Қодиров, А.Р. Мардонова, З.А. Широкова аз сокинони Саргаҳи Зарафшон[6] маводи зиёди мардумшиносӣ ҷамъ кардаанд, солҳои 1960 ва 1961 отряди мутахассисони соҳа дар ҳайати М.Р. Раҳимов (роҳбар), А.С. Давидов, Р. Қодиров, А.Р. Мардонова, З.А. Широкова, М.А. Ҳомидҷонова, Г.И. Эшонқулов низ дар он минтақа корҳои майдонӣ анҷом додаанд. Соли 1962 А.С. Давидов (роҳбар), Б. Бахтоваршоев, Г.И. Эшонқулов ва М.А. Ҳомидҷонова дар Зарафшон корҳои ҷустуҷӯӣ анҷом додаанд.[7] Солҳои 1963 ва 1964 М.А. Ҳомидҷонова (роҳбар), Г.И. Эшонқулов ва З.А. Широкова дар ноҳияи Мастчоҳи Нав бо корҳои майдонӣ машғул буданд. [8] Дар давоми солҳои 1965 ва 1966 аз тарафи А.С. Давидов, З.А. Широкова, М.А. Ҳомидҷонова этнографияи Саргаҳи Зарафшон мавриди омӯзиш қарор дода шуд, соли 1966 бошад, бо мақсади омӯзиши этнофарҳанги тоҷикони Яғноб дар ин мавзеъ экспедитсияи мардумшиносӣ гузаронида шуд. Дар давоми солҳои 1967-1970 бошад,

---

[1]. Додхудоева Л. Научное наследие А.А. Семенова и М.С. Андреева.-С.32; Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд М.С.Андреева.-Оп.1. Ед.хр. № 14, 17, 27, 28, 29, 45, 46, 58, 70, 71. 100, 101; Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд М.С. Андреева.-Оп.1. Ед.хр. № 18, 30, 52, 58. Фотоколлекция № 1,2, стеклянные негативы.

[2]. Писарчик А.К. Этнографическая наука в Таджикистане (1920-1990 гг.) / Подгот. текста Н. Бабаева.-Душанбе,2002.-С.65.

[3]. Архив ИИАЭ НАНТ. Зеравшанская этнографическая экспедиция 1958 г.-Ед.хр. № 39.

[4]. Писарчик А.К. Этнографическая наука в Таджикистане (1920-1990 гг.) / Подгот. текста Н.Бабаева.-Душанбе,2002.-С.90.

[5] Писарчик А.К. Этнографическая наука в Таджикистане.- С.90.

[6]. Архив ИИАЭ НАНТ. Зеравшанская этнографическая экспедиция 1958 г.-Ед.хр. №42.

[7] Архив ИИАЭ НАНТ. Матчинская этнографическая экспедиция 1962 г.-Ед хр. № 66.

[8]. Архив ИИАЭ НАНТ. Зеравшанская этнографическая экспедиция 1964 г.-Ед.хр. № 79

М.А. Ҳомидҷонова ба Саргаҳи Зарафшон якчанд сафарҳои инфиродӣ дошт.

Соли 1971 М.А. Ҳомидҷонова дар мавзеъҳои муҳоҷиршудаи яғнобиҳо ва мастчоҳиҳо корҳои ҷустуҷӯӣ доир намуд ва ин корро солҳои 1971, 1972 ва 1973 бошад, бо ҳамроҳии А.С. Давидов ва О. Муродов анҷом дод. Соли 1974 зери сарварии[1] номбурда экспедитсияи мардумшиносии Мастчоҳ ва соли 1977 экспедитсияи мардумшиносии Яғноб ташкил карда шудаанд, соли 1979 бошад, ба чойҳои нави муҳоҷирати аҳли Мастчоҳ ва Яғноб экспедитсияҳо доир гардидаанд. Аз соли 1989 то соли 1985 бо роҳбарии М.А. Ҳомидҷонова дар Саргаҳи Зарафшон якчанд сафарҳои кории саҳроӣ ба анҷом расонидаанд.

Соли 2014 ба Саргаҳи Зарафшон экспедитсияи мардумшиносӣ таъсис дода шуд, ки дар ҳайати он Л. Додхудоева (роҳбар), З. Юсуфбекова, М. Шовалиева, Н. Воситова[2] шомил буданд, соли 2019 бошад, ба ин гурӯҳи этнологҳо Т. Ашурмадова[3] низ ҳамроҳ гардид. Ду экспедитсияи охирини мардумшиносӣ, ки солҳои 2014 ва 2019 ба амал баровварда шудаанд, бо мақсади қисман бошад, ҳам пурра гардонидани пойгоҳи мавҷудаи мардумшиносӣ бо намунаҳои нави мавод созмон дода шуда буданд. Ҳадафи асосии ин сафарҳои таҳқиқотӣ муайян намудани ҳолати имрӯзаи анъанаҳои гузаштаи ҳунармандӣ ва ё баръакс аз байнравии баъзе анвои маҳсулоти ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон, вижагиҳои ҳаёти маишӣ ва шуғли аҳолии бумии минтақа дар аввали садаи XX1 ба шумор мерафт.

Маводи дар ин зербоби таҳқиқ овардашуда фаъолияти мардумшиносони шӯравиро ба таври муфассал нишон дода наметавонанд, зеро дар бойгонӣ на ҳамаи маводи сабтнамудаи онҳо маҳфуз мебошанд. Чуноне олими мардумшинос А.К. Писарчик қайд намудааст, маводи бойгонии илмии шуъбаи мардумшиносӣ то соли 1977 мувофиқ ба низоми қабулшудаи коркарди системавӣ ва ҳифзи ҳуҷҷатҳо як ҷо мураттаб шудаасту бас, аммо баъд аз ин назорати супурдани маводи экспедитсияҳо, ҳисоботу рӯзномаҳо ва коллексияи аксҳо ба бойгонӣ қатъ гардидааст. [4]

---

[1]. Архив ИИАЭ НАНТ. Матчинская этнографическая экспедиция 1974 г.-Ед.хр. № 100.

[2] Таджикистан. Верховья Зеравшана. Полевые этнографические исследования 2014 г. / Общ. ред ред Р.М. Масов; Авт.-сост.: Л. Додхудоева, З. Юсуфбекова, М. Шовалиева, Н. Васитова.-Душанбе,2017; Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд М.С. Андреева.-Оп. 1. Ед.хр. № 18, 30, 52, 58. Фотоколлекция № 1,2, стеклянные негативы; Ремесленное производство Таджикистана ( по материалам полевых исследований 2013-2017 гг.) / Ред Л. Додхудоева;. Авт.-сост.: Л. Додхудоева, З. Юсуфбекова, М. Шовалиева.-Душанбе,2019.

[3]. Народное искусство Верховий Зарафшана / Ред. Н.К. Убайдулло;Авт-сост.Додхудоева Л.; Конс. С. Бобомуллоев.-Душанбе,2022; Додхудоева, Л., Ашурмадова Т. Верховья Зарафшана: мастера деха Вору ( тадж.,рус.яз.). / Л. Додхудоева, Т. Ашурмадова; Под.ред. Н.К.Убайдулло.– Душанбе, 2022. – 191с

[4] Писарчик А.К. Этнографическая наука в Таджикистане (1920-1990 гг.).-С.45-48.

Ҳамин тариқ, бояд зикр намуд, ки дар бойгонии мардумшиносии ИТБМ АМИТ маъхази ниҳоят бою арзишманди маводи мардумшиносии марбут ба Саргаҳи Зарафшон гирдоварӣ шудаанд, ки дар байни онҳо санадҳои соли 1908 ҷамъовардашуда қадимтарин намунаи маводи бойгонӣ маҳсуб меёбанд. Омӯзиши этнографияи тоҷикон дар замони шӯравӣ аз рӯи усули гирдоварии маводҳои саҳроӣ, коркарди минбаъда ва нашри онҳо ҷараён гирифтааст.

**Дар зербоби 1.2 «Коллексияи аксҳои экспедитсияҳои Саргаҳи Зарафшон дар маъхази бойгонии мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон»** маҷмуи маводҳои аксии экспедитсияҳои мардумшиносии самти Саргаҳи Зарафшон таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Аммо мутаассифона номҳои аксбардороне, ки ин ё он ҳорлатро аксбардорӣ намудаанд на дар ҳамаи онҳо дарҷ гардидаанд.

Аксҳои нахустини бойгонӣ, ки ба таҳқиқоти мазкур иртибот доранд, ба соли 1908 рост меоянд, ки аз ҷониби директори онвақти Бахши Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС академик Е.Н. Павловский[1] мутаалиқ мебошанд ва онҳо аз тарафи номбурда дар Самарқанд ва Саргаҳи Зарафшон аксбардорӣ шудаанд.

Ҳуҷҷатҳои аксии мобайнҳои садаи XX аз коллексияҳои №39-и соли 1958 (аз 325 акс танҳо 265 адад нақши аксҳо боқӣ мондаанд), № 42-и соли 1959 (72 акс), № 57-и соли 1960 (479 акси аз тарафи М. Раҳимов гирифташуда) иборат мебошанд. Ҳуҷҷатҳои аксии солҳои 60-уми қарни XX коллексияҳои №58-и соли 1961 ( 319 акс), №62-и соли 1962 (28 нақши аксҳо), № 81-и соли 1965 (393 акс), коллексияи Яғноб - №82-и соли 1966 (242 акс), № 83 –и солаш номаълум (206 акс)-ро дар бар гирифтаанд. Ҳуҷҷатҳои аксии солҳои 70-уми асри XX коллексияҳои №100-и соли 1974 (90 акс), №104-и соли 1975 (90 акси аз ҷониби А.К. Разиграева гирифташуда) ва № 110- и соли 1977 (4 акс)-ро фарогир ҳастанд.

Умуман, мутобиқ ба мушоҳидаҳои пажӯҳишгарон Д.В. Арзютов ва С.А. Кан,[2] чуноне ин ҳолати ҳаммонанд дар бойгониҳои дигар низ ба мушоҳида мерасанд, маводи зиёди гуногунмавзӯъ гирдоварӣ шудаанд, вале қисми нисбатан ками онҳо вориди бойгониҳо гардидаанд ва қисми аз он ҳам камтари ин гуна мавод дарҷ шудаанду мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Дар зербоби 1.3 «Коллексияи намунаҳои истеҳсолоти ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон дар Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С.Андрееви Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба**

---

[1]. Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд Е.Н. Павловского. Фотоколлекция Е.Н. Павловского.-Ед. хр. 1; Додхудоева Л. Социальные и этнокультурные реалии таджикского общества в экспедиционных фотоматериалах академика Е.Н. Павловского // Академик Е.Н. Павловский и его вклад в становление современной науки Таджикистана: Материалы научно-практ. конф. (г.Душанбе, 3 декабря 2019 г.).-Душанбе,2020.-С.27-34.

[2]. Арзютов Д.В., Кан С.А. Концепция поля и полевой работы в ранней советской этнографии // Этнографическое обозрение.-2013.-№ 6.-С.48.

**номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон»** маҳсулоти ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон, ки дар ганҷинаи ин осорхона маҳфуз мебошанд, таҳлил ва баррасӣ гардидаанд.

Ҳоло дар осорхона қариб 11 ҳазор нигораҳои аслӣ ҳифз карда мешаванд, ки ба таври равшану возеҳ рангорангии фарҳангии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистонро дар худ таҷассум намудаанд. Чунин мавод барои омӯзиши густурдаи илмӣ ба гунаи манбаи мӯътамад хизмат кардаанд. Дар замони шӯравӣ бо кӯшиши мутахассиси номӣ З.А. Широкова каталоги «Этнографические коллекции Института истории», дар ҳаммуаллифӣ бо Н.Н. Ершов китоби ӯ «Альбом одежды таджиков» ба чоп расонида шудаанд. Аз тарафи А.К.Писарчик бошад, китоби мусаввадаи «Альбом прикладного искусства таджиков,[1] инчунин маҷмуи руқъаҳои (откритка) мусаввар нашр гардидаанд. Нигораҳои адоҳидае аз бойгонии осорхона дар китобҳои мусаввадаи ИТБМ АМИТ[2] ба табъ расидаанд. Аммо на ҳамаи нигораҳои дар осорхона маҳфузмондаи Саргаҳи Зарафшон ба таври илмӣ таҳлилу баррасӣ ва таҳқиқ шудаанд.[3]

Дар Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андреев коллексияи фаровони нодири аз асри Х1Х ва ибтидои асри ХХ боқимонда бо фарогирии маҷмуи маҳсулоти заргарӣ, биринҷӣ, мисӣ, кулолӣ, чармин, созҳои мусиқӣ, зарфҳои чӯбин ва дигар навъҳои таҷҳизоти хона ҷамъоварӣ шудаанд, ки дар рӯзгори мардуми Зарафшон хеле маъмулу роиҷ буданд. Дар осорхона навъҳои гуногуни маҳсулоти ҳунари дастии занон, аз ҷумла қолину гилемҳо, танобҳо, туморҳо, гулдӯзӣ, қуроқдӯзӣ ва ҷамолакҳо (як намуди ороишоти мӯйи занону духтарон) нигоҳдорӣ мешаванд.

Ҳамин тавр, бо саъйи мардумшиносони Тоҷикистон дар асрҳои ХХ-ХХ1 дар заминаи маводи экспедитсияҳо коллексияи бузурги маҳсулоти ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон ба вуҷуд оварда шудааст.

Умуман, тамоми маводи илмӣ ва намунаҳои фарҳанги визуалии Саргаҳи Зарафшон, ки диссертант аз бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андрееви ИТБМ АМИТ гирдоварӣ намудааст, имкон доданд, ки дар асоси ин маводи хаттӣ ва санадҳои аксӣ, ҳамчунин маснуоти эҷодиёти мардумии то кунун ба

---

[1]. Широкова З.А. Этнографические коллекции Института истории. Дарвазская этнографическая коллекция сбора 1954 года.-Душанбе,1965; Писарчик А.К. Альбом прикладного искусства таджиков / Ред. Н.Н. Ершов.-Душанбе,1979; Ершов Н.Н., Широкова З.А. Альбом одежды таджиков / Ред. А.К.Писарчик.-Душанбе,1969.

[2]. Народное искусство Таджикистана (тадж.,рус.,англ.яз.) / Ин-т истории, археол. и этногр.им.А.Дониша АН Респ.Тадж.; Ред. Л.Додхудоева; Текст: Р.Масов, Н.Юнусова, Л.Додхудоева. – Душанбе, 2011. – 318с.; Народное искусство Верховьев Зарафшана / Ред. Н.К.Убайдулло;Авт-сост. Додхудоева Л., Конс. С.Г.Бобомуллоев.-Душанбе,2022.

[3]. Бакиева М.К. Ресурсы Этнографического музея Национальной академии наук Таджикистана: (Коллекция народного искусства Верховьев Зарафшана) // Историк.-2021.-№ 1.-С.140-145.

доираи илм вориднагардида дар бораи маҳсулоти ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон таҳқиқоти муфассале анҷом дода шавад.

**БОБИ II «Мақоми иҷтимоии ҳунарманд (усто) дар Саргаҳи Зарафшон ва вижагиҳои фаъолияти тахассусии он»** аз 2 зербоб таркиб ёфтааст. **Дар зербоби 2.1 «Мақоми оҳангар, чӯянгар, чармгар, мӯзадӯз, бофанда, қолинбоф, наддофи пашм дар байни аҳолии шаҳру деҳоти Саргаҳи Зарафшон»** таъкид шудааст, ки ба туфайли асноди бойгонии мардумшинос А.С. Давидов ба унвонҷӯй имкон даст дод, то вобаста ба ҳунармандони Саргаҳи Зарафшон дар садаи XX маълумотҳои ҷолибу муҳимро дарёфт намояд.

Шаҳри Панҷакент, ки дар миёнаи асри XVIII ба вуҷуд омад, дорои шабакаи сершохаи ҳунармандӣ буд. Солҳои 70-уми асри X1X дар ин шаҳр 70 устохонаи ҳунармандӣ амал мекарданд ва ҳудуди 107 нафар маҳсулот истеҳсол менамуданд.

Дар тафовут аз чунин шаҳрҳо, ба монанди Хуҷанд, Конибодом ва Исфара, барои қисми бештари ҳунармандони Панҷакент тавъам будани корҳои ҳунармандӣ бо корҳои боғдорӣ ва зироаткорӣ одати маъмулӣ ҳисоб меёфт.

Мардумшинос Н.О. Турсунов таъкид намудааст, ки ягон пешаи косибӣ устои деҳотро аз ҷиҳати моддӣ таъмин карда наметавонист ва он барои ҳунарманд танҳо шуғли ёрирасоне дар корҳои хоҷагидории деҳқонӣ буд.[1] Масалан, оҳангарони Саргаҳи Зарафшон тамоми сол аз рӯи ҳунари худ кор мекарданд, вале аҳли оилаи онҳо бошанд, дар киштзорҳои доштаашон заҳмат мекашиданд. Бо мурури вақт ин ҳунармандон навъу намуди маҳсулоташонро афзун мегардониданд.

Ҳунармандон ба се тоифа ҷудо мешуданд: онҳое, ки маҳсулот истеҳсол намекарданд, вале дар боғҳои беруназшаҳрии худ фаъолият доштанд, устоҳое, ки қитъаи замин дар хоҷагӣ мададрасони асосии онҳо маҳсуб меёфт ва устоҳое, ки киштзорҳои беруназшаҳрӣ барояшон хоҷагии маҳсулотдиҳанда ва таъминкунанда буда, ҳунармандӣ барои ин гурӯҳи устоҳо шуғли зимистона ба ҳисоб мерафт. Бар замми ин тақсимоти меҳнат мувофиқи ҷинс ва синну сол сурат мегирифт.[2] Намудҳои кор чунин навъи касбҳоро дар худ фаро гирифта буданд: касби бо коркарди чарм, пӯст, дарахт алоқаманд, касбҳои соҳаи хӯрокворӣ, мӯзадӯзӣ, тайёр кардани нахи қоғазӣ ва қолинбофӣ. Аз ин касбҳо дутои охир касбҳои занона ба шумор рафта, дигар ҳама касбҳои боқимонда пешаи мардона ҳисобида мешуданд.

Даббоғии (ошдиҳӣ ё худ коркарди) чармро дар Зарафшон танҳо ҳунармандони деҳот ба амал мебароварданд, ки он минбаъд барои устоҳои шаҳрӣ дар тайёр кардану дарбеҳи пойафзол ба истифода

---

[1]. Материальная культура таджиков Верховьев Зеравшана / Ред.: А.К. Писарчик, Н.Н. Ершов; Текст: А.С. Давыдов, М.А. Хамиджанова, З.А. Широкова.-Душанбе,1973.-С.29.

[2] Турсунов Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населени северного Таджикистана X1X-начала XXвв.-Душанбе: Ирфон.-С. 240.,252., 264.

мерафт. Соли 1877 дар Панҷакент бо коркарди пӯст 15 нафар машғул буданд[1]. Марказҳои калонтарини санъати заргарии Саргаҳи Зарафшон дар асрҳои XIV- XVIII шаҳрҳои Самарқанд ва Панҷакент ба шумор мерафтанд. Ҳунармандони маҳаллӣ бо техникаи об кардан, кӯфтан, сикказанӣ, нақшкӯбӣ, малилакӯбии тӯрӣ ва рӯйкашӣ, сиркорӣ, симкорӣ, мӯҳракорӣ, кандакорӣ ва нақшкорӣ маҳсулоти тиллоӣ, нуқрагин, мисин ва биринҷиро коркард менамуданд.

Бофандагӣ аз маҳсулоти пахта ва пашм дар бисёр мавзеҳои Саргаҳи Зарафшон тараққӣ ёфта буд. Аммо танҳо дар Панҷакент ин соҳа чун дар дигар шаҳрҳои Осиёи Марказӣ чандон маъруфият надошт. Бо вуҷуди ин дар деҳаҳои гирду атрофи шаҳр пашмро коркард намуда, аз он мардум барои худ ва барои фурӯш курта, ҷул, шероза, халта, каманд, қолин, гилеми қоқма ва намад тахия менамуданд. Мувофиқи ақидаҳои тасдиқкунандаи А.С.Давидов, устоҳое, ки дар асри XX бо тайёр кардани *намад* машғул буданд, ҳамчун устоҳои *наддоф* ё *шаппанда* маъруф буданд ва онҳо пашму пахтаро барои ресидан тайёр менамуданд. Эҳтимол меравад, ки дар замонҳои пеш намадмолӣ аз оғоз то охир кори занона ҳисоб меёфт[2]. Ин фикрро он далел низ собит менамояд, ки асосан донандагони нозукиҳои ин касб маҳз занон маҳсуб меёфтанд. [3]

Омӯзиши маводи баррасишавандаи ин зербоб чунин натиҷагирӣ шуд, яъне оҳангарон, чӯянрезон, устоҳои коркарди чарм, мӯзадӯзон, бофандагон, қолинбофон, пашмзанҳои Саргаҳи Зарафшон дар инкишофи ҳунармандии минтақаи зикршуда саҳми арзанда гузоштаанд ва мегузоранд. Муҳимтар аз ҳама, онҳо ҳоло низ анъанаҳои ин мероси қадима ва истеҳсоли онро фаромӯш накардаанду идома медиҳанд, ки ин гувоҳи пос доштани арзишҳои суннатии ниёгон аз ҷониби насли имрӯз буда, вижагиҳои этнофарҳанги тоҷиконро дар замони муосир нишон медиҳад.

**Дар зербоби 2.2 «Табақаҳои иҷтимоии устоҳои коркарди чӯб, кулолҳо, кашидадӯзон, қуроқдӯзон ва бофандагон дар байни аҳолии шаҳру деҳоти Саргаҳи Зарафшон»** сохтори иҷтимоии ҷомеаи минтақа ва вазъи ҳунармандон дар он нишон дода шудааст.

Дар шаҳри Панҷакент соли 1877 ҳамагӣ 10 дуредгар (наҷҷор) фаъолият мекарданд, соли 1897 бошад, ин теъдод ба 14 нафар расид, ки онҳо асосан бо корҳои сохтмон машғул буданд[4]. Дар деҳоти Саргаҳи Зарафшон чун дигар касбҳо чӯбтарошӣ ҳам чандон авлавият надошт. Танҳо дар деҳаҳои калонтарини минтақа устоҳои махсус - харротон кор мекарданд, ки на танҳо бо харротӣ, балки бо дигар корҳои вобаста ба сохтани маҳсулоти чӯбӣ, ба монанди

---

[1]. Там же.-С.241.

[2]. Давыдов А.С. Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана // Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд А.С. Давыдова.-Оп. № 1; Ед.хр. № 15; Л.15.

[3]. Там же.-Л..24.

[4] Турсунов Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населения Северного Таджикистана XIX-начала XX вв.-Душанбе,1976.-С.241.

олоти меҳнат ва дигар лавозимоти рӯзгор шуғл меварзиданд. Зарфи чӯбӣ дар рӯзгори аҳолии Саргаҳи Зарафшон нақши хеле муҳим касб карда буд, чунончи танҳо дар деҳаи Урметан корхонаи кулолии типи шаҳрӣ амал мекард, ки имконияти бо маҳсулоти худӣ таъмин кардани сокинони деҳаҳои дигарро низ дошт.

Дар Саргаҳи Зарафшон касби кулолӣ байни занон бо кори дастии гачкорӣ (дар Яғноб ва чанде аз деҳаҳо) ва байни мардҳо бо истифодаи дӯкони кулолӣ (дар ш.Панҷакент ва деҳаи Урметан) маъмул буд. Дар ноҳияҳои дигари Саргаҳи Зарафшон, мувофиқи маълумоти А.С. Давидов, мардум на танҳо бо касби кулолӣ машғул набуданд, балки оид ба мавҷудияти чунин пеша ҳатто маълумоте ҳам надоштанд[1].

Гулдӯзӣ ва қуроқдӯзӣ шуғли занона маҳсуб меёфтанд ва намунаҳои беҳтарини ин намуди ҳунармандӣ дар шаҳрҳои Самарқанд ва Панҷакент, инчунин деҳаҳои калонтарини минтақа таҳия карда мешуданд. Ҳунари қадимаи ороишоти занона - шилшилабофӣ барои мӯйҳои занону духтарон, ба монанди *чочпопукӣ, кокулсозӣ, пӯпаксозӣ* ё *ҷамолаксозӣ* яке аз ҳунарҳои дастии занона ба ҳисоб мерафт.

Дар Саргаҳи Зарафшон асосан ҳунармандии деҳот бартарӣ дошт, зеро ғайр аз шаҳри Панҷакент дар дигар мавзеҳо хоҷагидории шаҳрӣ суст тараққӣ карда буд. Таъсиси кори сехии ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон чун дар дигар шаҳрҳои калони Осиёи Марказӣ танҳо дар Панҷакент дида мешуд. Дар деҳот усто ҳунарманди ҳамакора буд ва корҳоро мувофиқи фармоиши ҳамдеҳагон ба сомон мерасонид.

Махсусан дар деҳаҳои калони Урметан, Рарз ва ғ. маросими ба касби устоӣ расидани шогирд бо номи маросими к*амарбандон* гузаронида мешуд, ки дар он шогирд барои кори мустақилонаи худро оғоз бахшидан иҷозат ва дуои устоди худро мегирифт. Қисми бештари устоҳои деҳот ҳунармандиро дар шаҳр ё дар деҳаҳои калон аз худ менамуданд, ки дар он ҷойҳо низ маросими *камарбандон* доир карда мешуданд. Занон бошанд, ҳунарҳои дастиро асосан дар хона меомӯхтанд ва навгониҳои зарурии тахассусиро он ҷо аз бар мекарданд.

Дар деҳаҳои Саргаҳи Зарафшон даъвати устоҳои номвар ба деҳа як одати маъмулӣ ҳисоб меёфт. Чунки ин ҳунармандони даъватӣ фармоишҳои бошандагони маҳаллиро иҷро менамуданд ва ҳатто онҳо баъзан бо мақсади фурӯши молу маҳсулоти худ деҳа ба деҳа низ сафар менамуданд.

Ҳунармандон ҳамчун табақаи иҷтимоӣ дар сохтори ҷомеаи Саргаҳи Зарафшон чандон бисёр набуданд, вале қисмати сангини табақаи ҳунармандони камбизоат ба назар бештар намоён буданд. Бо вазъи душвори зиндагиву кор теъдоди зиёди ин ҳунармандон имкони тарбияи талабагон ва шогирдонро надоштанд.

---

[1] Давыдов А.С.. Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана // Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд А.С. Давыдова.-Оп. № 1; Ед.хр. № 15; Л..45.

Ҳамин тавр, омӯзишу таҳқиқи маводи бойгониҳо собит намуданд, ки аз тарафи мардумшиносон дар самти таҳлилу баррасии касбу ҳунарҳои ҷудогона ва ҳунармандии хонагии Саргаҳи Зарафшон ҷустуҷӯйҳои дақиқу амиқ анҷом дода шудаанд. Натиҷаи корҳои саҳроӣ имкон доданд, ки ба маълумотҳои то ҳол мавҷудбудаи марбути истеҳсоли ҳунармандии ин минтақа санадҳои нав ба нав илова гарданд.

**БОБИ III «Таҳаввулоти истеҳсоли ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон дар асрҳои XX-XXI»** дорои 3 зербоб мебошад. Дар **зербоби 3.1 «Давраҳои рушди ҳунармандии анъанавии Саргаҳи Зарафшон дар асри X1X ва ибтидои асри XX»** ҳолат ва рушди саноати косибӣ-ҳунармандии ин кишвари кӯҳӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Мувофиқи таъкиди Ж.Б.Исомиддинов, дар таърихи омӯзиши касбу ҳунарҳои Осиёи Марказӣ дар садаи X1X ва аввали садаи XX ду давра ба мушоҳида мерасад. Барои давраи аввал, ки солҳои 70-ум-80-уми асри X1X-ро фаро гирифтааст, хусусияти маърифатпарварона доштани баррасии масъалаҳои омехта хос мебошад, ки ин ба созмон додани корҳои намоишӣ дар кишвар вобастагӣ доштанд. Ба давраи дувум (миёнаҳои солҳои 90-уми қарни XIX то соли 1917) тақвияти ҳусусияти таҳқиқотии муайян намудани ҳолат ва дурнамои рушди саноати косибӣ-ҳунармандӣ хос мебошад.[1]

Таҳқиқи тағйироти иҷтимоии дар ҳаёти шаҳрҳои Шимоли Тоҷикистон ба вуҷуд омада, ба мардумшиноси маъруфи тоҷик Н.О. Турсунов имкон дод, ки чунин натиҷагирӣ намояд: бино ба қавли мавсуф, давраи охири асри X1X ва ибтидои асри XX дар таърихи пайдоиш ва рушди мавзеъҳои муҳоҷирони муқимигаштаи минтақа давраи нави таърихӣ ҳисоб меёбад. Зиёда аз ин, муаллиф қайд намудааст, ки ин замони таърихӣ дар тараққиёти сохти капиталистӣ ва рушди босуръати иқтисодиёт ҳамчун асос хизмат намуд.[2]

Дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии Саргаҳи Зарафшон ҳунармандӣ, соҳибкорӣ ва савдо тадриҷан ҷойгоҳи муайянро касб карданд. Таҳқиқи дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоии дар истеҳсолоти ҳунармандӣ рухдода собит менамояд, ки давраи таърихии мазкур, дар рушди ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон давраи навро оғоз бахшид. Дар ин давра фурсати наве фаро расид, ки бо рушди сохти капиталистии ҷомеа ва асосҳои иқтисодии он алоқаманд буд ва чунин тағйирот хусусияти фаъолияти истеҳсолии ҳунармандони минтақаро низ дигаргун сохт.

---

[1]Исамитдинов, Дж.Б. Роль дореволюционных русских исследователей в изучении ремесел и промыслов по обработке дерева в Северном Таджикистане // Вклад российской науки в изучение уникального историко-культурного и природного богатства Таджикистана: Сб. материалов междунар. науч. конф., посвящ. 200-летию российского востоковедения (г.Худжанд, 23 ноября 2018 г.).-Оренбург,2019.-С.210.-(Серия: Евразийский перекресток. Вып.11)..

[2]. Турсунов Н.О. Сложение и пути развития городского и сельского населения Северного Таджикистана XIX-начала XX вв.-Душанбе,1976.-С.269.

**Дар зербоби 3.2 «Раванди институтсионализатсияи (ниҳодикунонии) ҳунармандии анъанавии Саргаҳи Зарафшон дар асри XX ва ибтидои асри XX1»** масъалаҳои марбут ба давраи нави рушди ҳунармандӣ дар Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла, дар Саргаҳи Зарафшон аз оғози таъсисёбии давлати Шӯравӣ ва ташаккули қонунгузорӣ оид ба тайёр кардани мутахассисони ҳирфаӣ дар ин соҳа мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шудаанд. Дар низоми рушди ҳунармандӣ давраи нав шурӯъ гардид, ки он ба институтсионализатсия кардани ин соҳа вобастагӣ дорад. Тамоми низоми саноати косибӣ хеле тағйир ёфт, зеро минбаъд рушди ин самт на аз рӯи фармоишҳои хусусӣ, балки мувофиқи сиёсати давлат дар соҳаи саноат ва фарҳанг баҳогузорӣ мегардид.

Дигаргуниҳои вазъи иҷтимоии мавҷудияти ҳунарҳои мардумӣ табиист, ки ба тағйироти муайяне оварда расониданд ва ин тағйирот ба хусусияти онҳо низ бетаъсир намонданд. Ҳамзамон дар миёнаи асри XX ҷараёни гузариши ҳунармандӣ аз соҳаи таҷрибавӣ ба соҳаи истеҳсоли тӯҳфаҳо ба мушоҳида расиданд. Дар натиҷаи ин намудҳои бештари маҳсулоти ҳунарҳои мардумӣ шаклҳои аслии анъанавии худро гум карданд.

Дар санадҳои гуногуни ҳизбӣ ва маводи ВАО-и Тоҷикистон шиорҳои зерин таблиғ мегардиданд: «Ҷиҳати омӯзиши шакли миллӣ тамоми маводи дар деҳот ба таври фаровон мавҷудбуда, яъне расмҳои дар қолинҳо аксёфта, маводи гилӣ ва муҳимтар аз ҳама, худи мардум ва тарзи зисти онҳо бояд қобили таваҷҷӯҳ бошанд».[1] Аз тарафи Бюрои КМ ҲК Тоҷикистон ба Иттифоқи рассомони шӯравии Тоҷикистон ва Наркомпрос супориш дода шуд, ки бо мақсади ба вуҷуд овардани шароитҳои зарурӣ барои вусъати корҳои эҷодии ҳунарҳои мардумӣ тобистони соли 1935 экспедитсияи ҷамъоварии маводи санъати мардумӣ (нақшу нигор, сӯзанӣ, гулдӯзӣ, кулолӣ ва ғ.) созмон дода шавад. [2]

Дар ноҳияҳои душворгузар ба роҳ мондани намуди корҳои хонагӣ бо устоҳои ҳунарманди мардумӣ ва интиқоли маҳсулоти онҳо бо тартиби мутамарказ тавассути Фонди ҷумҳуриявии марказонидашудаи бадеӣ (Худфонд) тавсия карда шуданд. Бо вуҷуди ин амалисозии чунин қарорҳо на ҳамеша бомуваффақият роҳандозӣ мешуданд. Бахусус, ташкил кардани нақлиёт, бурда расонидани маҳсулот ба Фонди ҷумҳуриявии марказонидашудаи бадеӣ, пас аз пӯшидашавии намоиш ба усто баргардонидани маснуоташ, инчунин супурдани ҳаққи заҳмат ҳамоно чун мушкилоти ҳалталаб боқӣ мемонданд. Барои устоҳои ҳунарманд-колхозчиён ба даст овардани ҳимояи ҳуқуқӣ, ихтисори рӯзи меҳнат, ҳуқуқ барои майдончаи наздиҳавлигӣ, имтиёз барои хизматрасониҳои коммуналӣ, таъмини нафақа, ҷудо кардани ашёи хом,

---

[1]. За большое искусство Таджикистана, национальное по форме, социалистическое по содержанию // Коммунист Таджикистана.-1934.-13 мая.

[2] Партийный архив Республики Таджикистан. Протокол заседания бюро ЦК КП(б) Таджикистана от 8 мая 1935 г.-Ед.хр. № 7. XI. № 2444.

таҷҳизот, ташкили таҷрибаи исеҳсолӣ бо мақсади инкишоф додани низоми шогирдтайёркунӣ ва ғ. муҳим арзёбӣ мешуданд.[1]

Ба ғайр аз Иттифоқи рассомон ва Фонди ҷумҳуриявии марказонидашудаи бадеӣ инчунин аз ҷониби Хонаи эҷодиёти халқ ва шуъбаи мардумшиносии ИТБМ АМИТ низ корҳо дар самти мусоидат ва тараққӣ додани санъати мардумӣ роҳандозӣ мешуданд. Мардумшиносони варзидаи шӯравӣ ҳангоми экспедитсияҳо ба ноҳияҳои мухталифи Тоҷикистон маснуоти гуногуни истеҳсоли ҳунармандиро харидорӣ менамуданд. Маҳз чунин маҳсулот имрӯз дар Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андреев нигоҳдорӣ мешаванд.

Бешубҳа, ҳамаи ин иқдомҳо, новобаста аз омилҳои ғоявию таблиғотии пӯшида, дар бештарин ҳолат ҷиҳати ҳифзи фарҳанги суннатии тоҷикон, ошкор намудани соҳибистеъдодҳо ва ҳамзамон муаррифии сатҳи баланди истеҳсолоти ҳунармандӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамуданд.

**Зербоби 3.3 «Рушди ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон дар асри XX1»** ба масъалаҳои марбут ба давраи гузариши иқтисодиёти кишвар ба бозори озод. Дар ин давра буҳрони иқтисодӣ ба миён омад, надоштани донишҳои кофӣ нисбат ба муносибатҳои тиҷоратӣ, менеҷмент, молия, надонистани манбаъҳои иловагии даромад, надоштани маълумот оид ба фондҳои ёрирасон, ки метавонистанд фаъолияти онҳоро дастгирӣ намоянд ва инчунин ба шароитҳои нав мутобиқ шуда натавонистани устоҳои ҳунарманд байни бештари онҳо парокандагиро ба вуҷуд овард. Маҳз ҳамин масъалаҳо дар зербоби мазкур мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд.

Баъд аз пошхӯрии ИҶШС ҷумҳуриҳои он бо проблемаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ рӯ ба рӯ гаштанд. Масъалаи аз нав барқарорсозии сохтори эҷодиёти мардумӣ ба миён омад, ки бидуни дастгирии давлат имконнопазир буд.

Аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қонуну барномаҳо, консепсияҳо ба тасвиб расиданд, ки дар онҳо ба масъалаҳои ҳунармандӣ низ инъикоси худро ёфта буданд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии мардумӣ», ки 25 июли соли 2003 қабул гардид, имтиёзҳои зарурии пешбинишуда барои ҳунармандон оид ба андозсупорӣ ба назар гирифта нашудааст. Иловатан, дар ин хусус чандин қарору фармонҳои ҳукуматӣ қабул шудаанд. Аз ҷумла, «Консепсияи рушди фарҳанги Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2005, №501, «Барномаи рушди фарҳанги Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» аз 3 марти соли 2007, №85, «Барномаи рушди ҳунарҳои бадеии мардумӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015» аз

[1]. Ермакова Е. Работа с народными мастерами Таджикистана в 1960-1980 гг.: (По материалам архива И.А. Жданко) // Научное наследие З.А. Широковой и проблемы изучения народного творчества: Материалы междунар. конф. (г.Душанбе, 7 ноября 2020 г.) / Ред. Н.К. Убайдуллоев; Сост. Л. Додхудоева.-Душанбе,2020.-С.58-72.

31 октябри соли 2008, №513. Аз ин байн консепияи дуюмин, ки доир ба рушди ҳунарҳо дар даврони истиқлолияти сиёсӣ қабул гардидааст (соли 2005), бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ мувофиқат дорад.

Дар соҳаи ҳунарҳои мардумӣ сараввал Коллеҷи давлатии бадеии ба номи М.Олимов ба гунаи Маркази таълимӣ фаъолият дошт. Баъдтар Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки дар сохтори он шуъбаи эҷодиёти мардумӣ (санъати амалӣ) фаъолият мекунад. Малакаҳои андӯхтаи донишомӯзон имкон медиҳад, ки онҳо аз овони донишҷӯӣ машғули кор бошанд. Бо таълими ҳунармандон Ассосиатсияи ташкилотҳое, ки ҳунармандиро дар Осиёи Марказӣ дастгирӣ менамояд (CACSA), машғул буда, таи чанд сол аст, ки ин ассосиатсия барномаҳои гуногуни дастгирӣ ва рушди фарҳанги суннатӣ ва ҳунармандиро дар ҷумҳуриҳои Қирғизистон, Қазоқистон, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон амалӣ менамояд. Вале ин ҳоло дар ин самт батамом кофӣ нест.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2018-ро дар мамлакат Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон намуда буд. Пас аз як сол Роҳбари давлат солҳои 2019-2021-ро ҳамчун Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунармандӣ муқаррар намуд. Инчунин аз тарафи Сарвари давлат дар бораи аз андоз озод намудани ҳунармандон фармон тасдиқ гардид. Ниҳоят соли 2019 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳунармандӣ ба тасвиб расид (20 июни соли 2019, №16 19), ки тибқи он асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, вазифаҳо ва роҳҳои аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфтани ҳунармандӣ муайян карда шуданд.

Дар доираи амалисозии барномаҳое, ки ба Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ ихтисос доранд, бо дастгирии Ҳукумати шаҳри Душанбе Иттиҳодияи ҳунармандони Тоҷикистон толори намоишии UCT Showroom-ро ифтитоҳ ва ҳамчунин интернет-портали расмии худро www.tajikartisans.com боз намуд, ки ба муштариён имкони шиносоӣ бо маҳсулоти миллии ҳунармандони Тоҷикистонро фароҳам овард.[1]

Дар навбати худ ассосиатсияҳои маҳаллӣ, ба мисли Ассосиатсияи миллии занони кордони Тоҷикистон (АМЗКТ), ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ оид ба рушди сайёҳӣ дар Зарафшон -АРСЗ (ZTDA), дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ПЭКТА) ва ғ. тибқи имконоташон ба бахши ҳунармандӣ дар бобати фурӯши фоидаовари молу маҳсулот, омӯзонидани устоҳои ҳунарманд, дастгирии онҳо мадад мерасонанд. Мавриди зикр аст, ки байни сайёҳон намуди сайёҳии мардумшиносӣ маъмул мебошад. Дар ин маврид ба меҳмонон ба ғайр аз сайру саёҳати гуногун омӯзиши заминаҳо ва расму оинҳои эҷодиёти мардумӣ, бо роҳбарии устоҳои маҳаллӣ ба таври инфиродӣ тахия

[1] У Союза ремесленников Таджикистана теперь свой сайт и шоурум // Азия плюс.-2018.-30 апреля.-Режим доступа: https: //www.asiaplustj.info/ru/news/life/culture/20180430/u-soyuza-remeslennikov-tadzhikistana-teper-svoi-sait-i-shourum

кардани маҳсулоти кулолӣ, чӯбин, чармин, дӯхтан ё гулдӯзӣ кардани нақшу нигорҳои миллӣ ва ғайраҳо пешниҳод карда мешаванд. Аммо инҳо ҳанӯз басанда настанд.

Дар бобати дастгирӣ, тараққӣ додан ва таълими ҳунаромӯзӣ дар минтақаи Саргаҳи Зарафшон фаъолияти Ассосиатсияи рушди сайёҳии Зарафшон - АРСЗ (ZTDA), ки соли 2008 ташкил гардидааст ва Ассосиатсияи ба он алоқаманди «Армуғон» (директораш эксперт-мушовир Мунира Оқилова) нақши муҳим доранд. Самти асосии фаъолияти АРСЗ ва ҶС «Армуғон» эҳё ва рушди ҳунари бофандагии бостонӣ: қолинбофӣ, сӯзанидӯзӣ, қуроқдӯзӣ, инчунин дастгирии истеҳсолоти ҳунармандии вижаи ноҳияҳои алоҳида ба шумор мераванд. Ба туфайли фаъолияти АРСЗ ва ҶС «Армуғон» ҳоло занони зиёде шавқманди кори эҷодӣ шудаанд, аз ҳунари худ фоида ба даст овардаанд ва фаъолона ба шуғли кори ҳунармандии анъанавӣ оғоз бахшидаанд.[1]

Ҳамин тариқ, баъд аз ҳамроҳшавии Осиёи Марказӣ ба Россия маҳсулоти воридотии фабрикавӣ ба Зарафшон натавонистанд маҳсулоти устоҳои маҳаллиро, ки истеҳсолашон дар минтақа идома доштанд, аз бозорҳо ба пуррагӣ хориҷ созанд. Дар шаҳри Панҷакент ва марказҳои ҳунармандии деҳот дар асрҳои Х1Х-ХХ ҳанӯз ҳам махлут будани ҳунармандӣ ва деҳқонӣ дида мешаванд, ки ин ҳолат бо сабаби буҳрони иқтисодӣ маҳдуд шудани талаботи аҳолии маҳаллиро ба харидорӣ намудани молу ашё ва дар хоҷагӣ аҳамияти вижа пайдо кардани касбу ҳунармандии хонагиро бозгӯӣ менамояд.

Дар садаи ХХ дар сатҳи фарҳанги шӯравӣ институтсионализатсияи истеҳсолоти ҳунармандӣ шурӯъ гардид. Бо рушди он акнун ташкилотҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, эҷодӣ, Академияи илмҳои ҷумҳурӣ, осорхонаҳо, фондҳои бадеии назди Иттифоқи рассомон, хонаҳои эҷодиёти халқ, комиссияи оид ба санъати мардумии назди Иттифоқи рассомони ИҶШС ва ғ. машғул буданд. Дар ин давра комбинатҳои саноатӣ, дӯконҳо таъсис ёфтанд, чандин қарору фармонҳои ҳукуматӣ тасдиқ шуданд, ки ба тараққӣ додани эҷодиёти мардумӣ равона гардида буданд.

Гулшукуфти назарраси истеҳсоли ҳунарҳои мардумиро дар ҷумҳуриҳои Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон дар солҳои 70-80-уми қарни ХХ мушоҳида кардан мумкин буд, дар ин солҳо ҷиҳати инкишофи ҳунарҳои мардумӣ маблағҳои калон ҷудо мешуданд, намоишҳои густурда дар кишвар ва хориҷ аз он ташкил мегардиданд.

Гузариш ба бозори озод истеҳсолоти ҳунармандиро низ гирифтори бӯҳрон намуд. Дастгирии Сарвари давлат бо эълони солҳои 2018, 2019-2021 ҳамчун солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунармандӣ барои аз нав эҳё гардидани касбу ҳунарҳои мардумӣ на танҳо дар шаҳрҳо, балки

---

[1] Таджикистан. Верховья Зарафшана. Полевые этнографические исследования 2014 г. / Общ. ред. Р.М. Масова; Авт.-сост.: Л. Додхудоева, З.Юсуфбекова, М. Шовалиева, Н. Васитова.- Душан-бе,2017.-С.48.

инчунин дар деҳот низ мусоидат кард. Имрӯзҳо барпо кардани намоишу ярмаркаҳо дар ҷойҳо вусъати дигар пайдо кардаанд, барномаҳои омӯзанда ва тренингҳо дар тамоми гӯшаву канори кишвар, аз он ҷумла дар Саргаҳи Зарафшон низ фарохтар гаштаанд.

Омӯзиши вазъи ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон дар асри XX ва ибтидои асри XXI муайян намуд, ки новобаста аз буҳрони иқтисодӣ дар Саргаҳи Зарафшон анъанаҳои санъати мардумӣ аз байн нарафтаанд ва ҳанӯз ҳам боқӣ мондаанд. Ин давраи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки дар истеҳсолоти ҳунармандӣ таҳаввулоти анъанаҳои суннатӣ ҳоло низ идома доранд.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

1. Дар Стандарти байналхалқии таснифи касбҳо ҳуҷҷати расмии Созмони Байналмилалии Меҳнат дар байни нуҳ гурӯҳи асосии касбҳо ҳунармандӣ мақоми миёнаи ифтифтихориро ишғол мекунад ва баъд аз он касбҳои меҳнати равонии меъёри ҷисмонӣ ва пастихтисос ҷойгир шудаанд. Мисли ҳар касбе, ки таърихи тӯлонии рушд дорад, ҳунар низ тағйир ёфта, баъзе хусусиятҳоро аз даст дода, дигарашро соҳиб мешавад, ки воқеияти муосирро инъикос мекунад. Равандҳои эҳёи касбҳои ҳунармандӣ далели иқтидори ғании онҳост, ки дар асри XX1 боз ҳам пурратар амалӣ мегардад.[1]

2. Натиҷаи таҳқиқоти саҳроӣ, ки кормандони Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш АМИТ дар шакли сабтҳои саҳроӣ, моводи аксбардорӣ, сафолӣ ва зарфҳои рӯзгор, маҷмӯи мукаммали либосҳои занона ва мардонаи аҳолии Саргаҳи Зарафшон ба як махзани арзишманд табдил ёфт, ки ҳоло дар бойгонии мардумшиносӣ ва осорхонаи кишваршиносии ин муассисаи илмӣ маҳфузанд. Пойгоҳи васеъи далелҳо то ҳол мунтазири ҳуҷҷатҳои муфассал ва тавсифи илмӣ мебошад[2-М;4-М].

3. Ин пажӯҳиш ба низом даровардани асноди этнографӣ ва экспонатҳои марбут ба ҳунармандии Саргаҳи Зарафшон, омӯзиши таърихию мардумшиносии фарҳанги аҳолии минтақа дар асоси маводи бойгонии асри XX ва нашрияҳои илмиро дар бар мегирад. Илова бар ин, маводҳои аксҳои номаълум ва каммаълуми бойгонии мардумшиносӣ ба доираи илмӣ ворид карда шуда, таърихи рушди ҳунарҳои Саргаҳи Зарафшон дар асрҳои XX-XXI равшанӣ андохта шуд. Инҳо пеш аз ҳама асарҳои чопнашудаи тадқиқотчии барҷастаи Шӯравӣ А. Давидов, ки

---

[1] Международная стандартная классификация занятий / Междунар. бюро труда.-Женева, М.,1998.-С.9-10; Александрова Т.Л., Чебыкина И.В. Некоторые черты современного ремесленничества в России // Возрождение ремесленничества в Уральском регионе: социальные предпосылки, проблемы и пути их решения: Сб. науч. ст. / Под ред. Л.Ф. Беликовой.-Екатеринбург,2006.-С.12.

дар бораи ҳунар ва ҳунари рӯзгори аҳолии Саргаҳи Зарафшон маълумоти зиёдеро дорост мебошанд.[1][7-М;8-М].

4. Умуман, дар Саргаҳи Зарафшон марказҳои омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ шаҳракҳои деҳоти хурди ҳунармандӣ буданд, ки на барои бозор, балки барои ҳамдеҳагони худ нигаронида шудаанд. Дар шаҳри Панҷакент ҷамъ омадани устодони касбҳои гуногун ва ҳамкории фаъоли онҳо бо ҳунармандони Ургуту Самарқанд боиси боло рафтани сатҳи истеҳсоли ҳунармандӣ ва ташкили иттиҳодияҳои ҳунармандӣ касбӣ ва ё устохонаҳои ҳунармандӣ гардид[3-М;6-М].

5. Тафовути иттиҳодияҳои ҳунармандиро хусусиятҳои маданияти сиёсии аҳолӣ, дараҷаи инкишофи ҳуқуқи шаҳр, хусусияти муҳити иқтисодие, ки дар он иттифоқҳои хунармандон ба вуҷуд омада, инкишоф меёфтанд, муайян мекарданд. Аксарияти сокинони Саргаҳи Зарафшон пеш аз ҳама ҳунармандон, ба замин ва фаъолияти хоҷагидорӣ алоқаманд буданд, ки танҳо дар вақтҳои холии худ метавонистанд ба ҳунармандӣ машғул шаванд. Низоми падаршоҳии арзишҳои хоҷагидорӣ, фарҳанги анъанавии иҷтимоию меъёриро нигоҳ медошт: ҳашари кӯмаки мутақобила, мубодилаи мутақобила, риояи мартабаи иҷтимоӣ (эҳтироми падару модар ва калонсол, эҳтиром ба бегонагон, ғамхорӣ ба хурдсол), итоат кардан ба принсипҳо авлод ва ҷамъият, дар аксар мавридҳо хоҷагии ёрирасон ва ғ.[3-М;6-М].

6. Бо рушди фаъолонаи саноатӣ дар давраи шӯравӣ хусусияти шуғли касбии аҳолии водии Зарафшон аллакай дар нимаи 1-уми асри XX ба таври назаррас тағйир ёфт. Дар охири солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-ум асри XX ба рушди ҳунармандӣ хусусияти ҷараёни муҳоҷират ва аз марказҳои гуногуни ИҶШС омадани аҳолӣ таъсири назаррас расонд. Ҳамин тариқ, дар Фороб ва Мағиён, ки бо Панҷакент, Ургут ва Самарқанд зич алоқаманд буданд, таъсири фарҳанги шаҳрӣ нисбат ба дигар ҷойҳои минтақа бартарии шаклҳои гуногуни замонавӣ ва технологияҳои нав мусоидат кардаанд[4-М].

7. Бо шарофати дастгирии давлат ва тавассути муассисаҳои гуногун: Вазорати фарҳанг, Иттифоқи рассомон, Хазинаи бадеӣ, Хонаи эҷодиёти мардумӣ дар замони ИҶШС фаъолияти институтсионализатсияи ҳунармандӣ сурат гирифт. Ҳамаи ин ба гул-гулшукуфии истеҳсолоти ҳунармандӣ ёрии калон расонд[6-М].

8. Дар баробари ин мафҳуми нави «ҳунармандии бадеӣ» пайдо шуд ва бо он навъҳои нави маҳсулоте, ки аллакай ба саноати тӯҳфаҳо тааллуқ доштанд дохил мешуд. Дар ин шароит бисёр касбу ҳунарҳо тадриҷан аз байн рафтан гирифтанд[1-М].

Зимнан, дар Зарафшон ва деҳот то ҳол марказҳои гуногуни ҳунарӣ фаъоланд. Масалан, дар ҷамоати Шинг чордаҳ деҳа (9595 нафар аҳолӣ) бо ин ё он ҳунарҳои мардумӣ шӯҳрат доранд. Деҳаи Вағаштонӣ бо

---

[1] Давыдов А.С. Домашние промыслы и ремесла таджиков Верхнего Зеравшана // Архив ИИАЭ НАНТ. Личный фонд А.С. Давыдова.-Оп. № 1; Ед.хр. № 15.

ҳунарҳои чубкорӣ ва дӯзандагии худ ва Гиждарё бошад, бо оҳангарӣ ва осиёб машҳур аст. Дар деҳа Ровадин қолинбофӣ ва наматсозӣ тарақққӣ ёфтааст ва дар Рашни Поён бошад, зарфҳои чӯбӣ, косаю табақтарошӣ, дар Нофин гилембофӣ, коркарди пашм, наматрезӣ, бофтани мӯҳра тараққӣ кардаанд. Деҳаҳои Падруд ва Гулдара, Чорроҳа, Оби Ҳаёт дар чӯбу тахта, овозадоранд, Марғузор, Сари Сангпул бо оҳангарӣ, Ҳазорчашма ва Киёғлӣ — инчунин бо челонгарӣ ва асбобсозӣ машҳуранд. Дар деҳаи Пани ангишт истихроҷ карда мешавад ва дар ин ҷо бисёр шахтаҳо вокеанд. Дар айни замон, дар Фороб дар маҳалҳои истиқоматӣ экоплитаҳои худсохтро дар шароити хона, ки ба шарофати хоки махсуси сафед сафедии худро нигоҳ медоранд, истифода мебаранд. Ҳар дафъа баъд аз истифодаи оташдон ва танӯр онҳоро бо ин омехта пок мекунанд ва сафед мемонанд.[1]

Рушди ҳунарҳои мардумӣ аз паҳлӯҳои мухталиф: барои обрӯи фарҳанги тоҷикон, устувории фаъолияти сайёҳӣ, рушди иқтисодӣ ва ҳаҷми гардиши савдои хориҷии кишвар муҳим аст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати кишвар ба рушди фарҳанг ва эҳёи суннатҳои миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд, зеро ҷаҳонишавӣ дар сурати ҳифз нашудани мероси миллӣ метавонад фарҳангро «азхуд» кунад. Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои мероси ғании фарҳангӣ моҳи августи соли 2010 узви Конвенсияи ЮНЕСКО оид ба ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддӣ гардид. Соли 2012 “Барномаи давлатии ҳифзи мероси фарҳангии ғайримоддии халқи тоҷик барои солҳои 2013-2020” қабул гардид. Дар солҳои истиқлолият дар самти эҳёи анъана ва расму оинҳои миллӣ, ҳунарҳои мардумӣ қадами устувор гузошта шуд.[2]

Фарҳанги суннатии Зарафшон ба шарофати устувории худи ҷомеаи маҳаллӣ мақоми устувор дорад, ки дар оянда зарурати омӯзиши мероси маънавӣ ва моддӣ, макони хоса ва имконоти инсонии онро ба миён меорад. Аммо масъалаи эҳё ва ҳифзи истеҳсолоти ҳунармандӣ чи дар кишвар ва чи дар Зарафшон хеле тезу тунд аст. Барои ҳалли ин мушкилот аз имконоти гуногун, аз ҷумла робита бо сайёҳӣ ва таҳияи шабакаи барномаҳои таълимӣ ва кӯмаки сарпарастон истифода мешавад[5-М].

## ТАВСИЯҲО

Гуфтаҳои боло боиси зарурати тағйир додани муносибат ба эҷодиёти ҳунармандӣ, вусъати татбиқ ва рушди он дар шароити

[1] Таджикистан. Верховья Зеравшана. Полевые этнографические исследования 2014 г. / Общ. ред. Р.М. Масова; Авт.-сост.: Л. Додхудоева, З. Юсуфбекова, М. Шовалиева, Н. Васитова.-Душанбе,2017.-С.68.

[2] Сотиев М. Народные ремесла - важная часть национальной культуры // Народная газета.-2018.-6 июня.-Режим доступа: :http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=6811:2018-06-06-10-41-15&catid=109:god-turizma-i-remesel&Itemid=267

иқтисоди бозорӣ мегардад. Дар робита ба ин, як қатор тавсияҳо бояд дода шаванд:

- зарурати бо қарори махсуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани Феҳристи марказҳои ҳунарҳои мардумии Тоҷикистон;

- зарурати аз ҷониби давлат ба таври ҳамешагӣ дастгирӣ намудани ҳунармандон дар шакли ҳимояи ҳуқуқҳои онҳо, расонидани ёрии моддӣ, ташкили фурӯши маҳсулоти онҳо, бо техникаи нав таҷҳизонидани соҳа;

- дастгирӣ намудани ниҳоди меҳнати хонагии занон ва духтарон, шахсони имконияташон маҳдуд, ки барояшон ба туфайли бозори меҳнат фоидаи мувофиқ ба даст овардан ва қобилияти соҳибкории худро инкишоф додан имкон дорад;

- муҳимияти тараққӣ додани ҳунармандӣ бо мақсади ҳалли проблемаҳои устувории иҷтимоӣ дар кишвар, шуғли аҳолӣ, махсусан ҷавононе, ки маълумоти тахассусӣ надоранд;

- зарур будани дастгирии эҷодиёти мардумӣ тавассути таблиғи он дар дохили мамлакат ва берун аз он, барои бо маҳсулот пур кардани бозорҳо, ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангӣ;

- талаб намудани таъсиси шабакаи толорҳои бадеӣ, ки ҷавобгӯ ба талаботи бозори имрӯза ва менеҷмент ҷавобгӯ мебошанд ва зарур будани сомонаҳои фаъолияти ҳунармандӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ;

- ба таври васеъ истифода намудани барномаҳои омӯзишии марбут ба навъҳои гуногуни фаъолияти ҳунармандӣ дар муассисаҳои таълимии бадеӣ ба туфайли таъсиси мастер-классҳо, тренингҳо, инчунин низоми анъанавии *устод-шогирд*;

- муҳим будани роҳандозии корҳои илмию таҳқиқотӣ доир ба омӯзиши ҳунармандӣ, ки ягон маркази илмӣ ё худ институти таҳқиқотӣ бояд ба таври ҳамешагӣ онҳоро амалӣ намояд;

- зарурати муҳайё намудани шароитҳои мусоид ҷиҳати ҳифзи касбу ҳунарҳо ва ҳунармандӣ ҳамчун соҳаҳои истеҳсолот.

## МУҚАРРАРОТ ВА ХУЛОСАҲОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИНИ МУАЛЛИФ ИНЪИКОС ГАРДИДААНД:

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд:**

[1-М]. Бакиева, М.К. Традиционные очаги и печи Верховьев Зарафшана [Текст] / М.К. Бакиева // Историк. – 2019. – № 3 (19). – С.112-117.ISSN 2789294-8

[2-М]. Бакиева, М.К. Исследование форм ремесленной культуры Верховьев Зарафшана в конце XIX- начале XX вв. [Текст] / М.К. Бакиева // Докл. НАНТ. Отд-ние обществ. наук. – 2020. – № 3(011). – С.51-55.ISSN 2076-2569

[3-М]. Бакиева, М.К. Ресурсы Этнографического музея Национальной академии наук Таджикистана (коллекции народного искусства Верховьев Зерафшана [Текст] / М.К. Бакиева // Историк. – 2021. – № 1(25). – С.140-145.ISSN 27892948

[4-М]. Бакиева, М.К. Архивные документы экспедиций в Зарафшан XIX-XX веков (материалы этнографического архива НАНТ) [Текст] / М.К. Бакиева // Историк. – 2022. – № 4(32). – С.126-133.ISSN 2709-7382

[5-М]. Бакиева, М.К. Российские исследователи о специфике ремесленного производства Верховьев Зарафшана [Текст] / М.К. Бакиева // Историк. – 2023. – № 1(33). – С.66-72. ISSN 2709-7382

[6-М]. Додхудоева, Л.Н., Бакиева М.К. Философские смыслы семантики орнамента Верховьев Зарафшана [Текст] / Л.Н. Додхудоева, М.К. Бакиева // Изв. НАНТ. Отд-ние обществ. наук.. – 2023. – № 4(273). – С.22-25. ISSN 2791-2639

## II. Мақолаҳои дар дигар маҷмуаҳои илмӣ, маҷаллаҳо ва маводҳои конференсиявӣ чоп шудаанд:

[7-М]. Бакиева, М.К. Вклад А.С.Давыдова в исследование народного творчества Верхнего Зарафшана / М.Қ.Боқиева // Антропология ва этнологияи мардуми тоҷик: муҳаққиқон, экспедитсияҳо, бойгониҳо: Маводи конфронси байналмилалии илми. Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ (23 июни соли 2023).- Душанбе,2024.- С.69-72.

[8-М]. Бакиева, М.К. Давыдов Амнун Соломонович–выдающийся исследователь ремесленных традиций таджиков Верхнего Зарафшана / М.К.Боқиева // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷойгоҳи Сосониён дар таърих ва тамаддуни умумиҷаҳонӣ» бахишда ба 1800 - солагии таъсисёбии давлати Сосониён, Душанбе: ДДОТба номи С. Айнӣ, 26 апрели соли 2024 – С.266-269.

# АННОТАТСИЯ

**ба автореферати диссертатсияи Бакиева Мадина Қурбоновна «Ҳунарҳои анъанавии Саргаҳи Зарафшон дар охири садаи X1X ва ибтидои садаи XX1» (аз рӯйи маводи бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С.Андрееви Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон) барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800-Бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020802 – Этнография, этнология ва антропология.**

**Калидвожаҳо:** Тоҷикистон, Саргаҳи Зарафшон, мардумшинос, этнофарҳанг, таърих, саҳм, таҳаввулот, экспедитсия, бойгонӣ, санад, осорхона, нигора, коллексияи аксҳо, корҳои майдонӣ, ҳунармандӣ, касбу ҳунар, сех, таснифот, банизомдароварӣ, мақоми иҷтимоӣ, ҷалби маблағгузорӣ.

**Объекти таҳқиқ** сарчашмаҳои хаттӣ, мавод иборат аз аксҳо, нигораҳое мебошанд, ки дар бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С.Андрееви ИТБМ АМИТ.

**Предмети таҳқиқ** таҳаввулоти ҳунармандии дар Саргаҳи Зарафшон дар охири асри X1X ва ибтидои асри XX, нимаи дуюми асри XX ибтидои асри XX1.

**Мақсади таҳқиқ** омӯзиш, тасниф, мураттабсозӣ ва таҳлили маводи начандон маълуми маъхазҳои бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С.Андрееви ИТБМ АМИТ ба шумор меравад, ки ба рушди ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон иртибот доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир мешавад, ки ҳуҷҷатҳои навини марбут ба ҳунармандӣ дар Саргаҳи Зарафшон дар асоси ҳуҷҷатҳо ва нигораҳои дар бойгонии мардумшиносӣ ва Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С.Андрееви ИТБМ АМИТ ҳифзшаванда ба гардиши илмӣ ворид карда шаванд. Бори аввал дар дар асоси таҳлили маълумоти бойгонӣ (дастнависҳои чопнашудаи мардумшиносони маъруф, маҷмӯаҳои аксҳо, сабтҳо дар китобҳои инвентаризатсия), коллексияи осорхонаҳои мардумшиносӣ таърихи ҳунарҳои мардумӣ дар ин минтақа муаррифӣ шудааст.

**Соҳаи татбиқ:**

Маводи диссертатсияро ҳамчунин ҳангоми баргузор намудани курсҳои гуногуни таълимӣ, дар лоиҳаҳои маданӣ-равшаннамоии осорхонаҳои гуногун ва сайёҳӣ истифода намудан имконпазир аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро дар таҳияи барномаҳо оид ба рушди таҷрибаи ҳунарҳои замонавӣ, лоиҳаҳои ташкилотҳои ғайриҳукуматии гуногун, ки бо масъалаҳои санъати мардумӣ сарукор доранд, истифода кардан мумкин аст. Маводи диссертатсияро ҳамчунин ҳангоми баргузор намудани курсҳои гуногуни таълимӣ, дар лоиҳаҳои маданӣ-равшаннамоии осорхонаҳои гуногун ва сайёҳӣ истифода намудан имконпазир аст.

# АННОТАЦИЯ

**на автореферат диссертации Бакиевой Мадины Курбоновой «Традиционные ремесла и промыслы Верховьев Зарафшана конца Х1Х-начала ХХ1 веков (по материалам этнографического архива и Этнографического музея им. М.С. Андреева Национальной академии наук Таджикистана)», представленную на соискание ученой степени доктора философии (PhD) - доктора по специальности 6D020800 Археология и этнология (6D020802 – Этнография, этнология и антропология)**

**Ключевые слова:** Таджикистан, Верхний Зарафшан, этнограф, этнокультура, история, вклад, эволюция, экспедиция, архив, документ, музей, экспонат, фотоколлекция, полевые работы, ремесло, промысел, цех, классификация, систематизация, социальный статус, инвестиционная привлекательность.

**Объектом исследования** являются письменные источники, фотоматериалы, экспонаты, хранящиеся в этнографическом архиве и Этнографическом музее им. М.С.Андреева ИИАЭ НАНТ.

**Предметом исследования** является состояние и эволюция кустарного ремесла и промыслов Верхнего Зарафшана в конце XIX-начале XX веков, во второй половине XX- начале XXI веков.

**Целью исследования** является изучение, классификация, систематизация и анализ малоизвестных материалов, посвященных развитию ремесел и промыслов Верхнего Зарафшана в собраниях этнографического архива и Этнографического музея им. М.С. Андреева.

**Научная новизна исследования** определена введением в научный оборот новых данных по ремеслам и промыслам Верхнего Зарафшана, хранящихся в этнографическом архиве и Этнографическом музее им. М.С.Андреева ИИАЭ НАНТ. Впервые на основе анализа архивных данных (неопубликованных рукописей известных этнографов, фотоколлекций, записей в инвентарных книгах), этнографических музейных коллекций в отечественной науке представлена история ремесленного производства данного региона.

**Область применения:**

Материалы диссертационной работы могут быть представлены в формате различных учебных курсов, а также культурно-просветительских проектов различных музеев. Результаты исследования могут быть использованы при разработке программ по развитию современных ремесленных практик, проектов различных НПО, которые занимаются вопросами развития ремесел в стране. Полученные соискателем результаты могут оказаться полезными в музейной практике, а также востребованы историками, стилистами, дизайнерами, работниками туризма.

**ANNOTATION**

**of the abstract by Bakieva Madina Kurbonova's dissertation "Traditional crafts and trades of the Upper Zarafshan of the 20th -early 21 th centuries (based on the materials of the ethnographic archive and the M.S. Andreev Ethnographic museum of the National Academy of Sciences of Tajikistan)", submitted for the degree of Doctor of Philosophy (PhD) - doctor in the specialty Archaeology& ethnography 6D020800 (6D020802-ethnography, ethnology and anthropology)**

Key words: Tajikistan, Upper Zarafshan, ethnographer, ethno-culture, history, contribution, evolution, expedition, archive, document, museum, exhibit, photo collection, field work, craft, trade, workshop, classification, systematization, social status, investment, attractiveness.

The object of the research is written sources, photographic materials, exhibits stored in the Ethnographic archive and the M.S.Andreev Ethnographic Museum of the A.Donish Institute of history, archaeology, ethnography, Tajikistan National Academy of sciences (IHAE TNAS).

The subject of the research is the state and evolution of handicrafts and crafts of the Upper Zarafshan in the late XIX- early XX centuries, in the second half of the XX- early XXI centuries.

The purpose of the research is study, classification, systematization and analyze a little-known materials devoted to the development of trades and crafts of the Upper Zarafshan in the collections of the ethnographic archive and the M.S. Andreev Ethnographic Museum.

The scientific innovation of the research is determined by the introduction into scientific circulation of new data on the trades and crafts of the Upper Zarafshan, stored in the Ethnographic archive and the M.S.Andreev Ethnographic Museum of the IHAE TNAS. For the first time, based on the analysis of archival data (unpublished manuscripts of famous ethnographers, photo collections, records in inventory books), ethnographic museum collections, the history of handicraft production in this region is presented in science.

**Scope of application:**

The materials of the dissertation can be presented in the format of various training courses, as well as cultural and educational projects of various museums. The results of the study can be used in the development of programs for the development of modern craft practices, projects of various NGOs that deal with the development of crafts in the country. The results obtained by the applicant may be useful in museum practice, as well as in demand by historians, stylists, designers, and tourism workers.